Н А Ш Р И Ё Т И « А Д И Б »



**ЛУТФИШОҲИ ДОДО**

# ГУРОЗ

*Қисса*

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК – 84 Тоҷик 7-4
Д-36

Муҳаррир *Ифтихори Амонқул*

Д- 36 **Лутфишоҳи Додо. Гуроз** *(қисса).*
– Душанбе «Адиб», 2014, 72 саҳ.

Дар қиссаи «Гуроз»-и Лутфишоҳи Додо саргузашти қаҳрамони марказии ин қиссаи воқеъӣ, Мирзои ронанда аз рӯзгори саргаштаву пурпечутоби мардуми мо дар охири қарни гузашта ҳикоят мекунад.

Итминони комил дорем, ки аз мутолиаи ин қисса баъзе тирагиҳои ҳаёти мардуми сарсону парешонгашта равшан мегардад.

ISBN 978-99947-2-398-0

© Нашриёти «Адиб», 2014.

Мирзои ронанда аз дур ишора кард, ки лаҳзае биистам. Вай дар парки автомобилӣ, ки дар ҳамсоягии устохонаи мусаввириам воқеъ аст, кор мекунад. Инсони зиндадил, шӯху хушсӯҳбат аст ӯ. Бо гапдониву лафзи шакаринаш ба дили шиносу ношинос зуд роҳ меёбад. Дар лаҳзаҳои танаффус нафарони зиёде, ба вижа, занону духтарони идора дар атрофаш гирд омада, аз ӯ латоифи шакарин мешунаванду садои хандаи онон, тавре мегӯянд, замину замонро ба ларза меорад.

– Мирзо, ин қадар латифаро аз куҷо меёбед! Магар дастгоҳи латифабарорӣ доред?

Мирзо табассум мекунад.

– Худованд ба яке қудрату нерӯи дасту бозу, ба дуюмӣ нерӯи ақл, ба сеюмӣ моли беш, ба чаҳорумӣ мизу мӯҳрро ато карда, ба шумо баринҳо суханро бахшидааст. Бандаро ба сурати бӯзина офаридааст. Аз он ки худованд сари бӯзинаро болои гардану дилашро дар синаам ҷо кардааст, наранҷида, баръакс, мефахрам, зеро чун инсонҳо маро бубинанд, назди ҳазрати Чарлз Дарвин сари таъзим фуруд меоранд, ки одам дар асл аз зоти маймун асту ман намунааш.

Ҳарфи мулоиму гармашро шунида оҳиста механдам.

– Чӣ механдед? Гапам рост. Магар мани бӯзина бобокалонатон нестам?

– Бале. Билкул ҳақед.

Ба ман наздик меояду бо меҳрубонӣ мегӯяд:

– Бародарам Сафдар, зиёиёнро хуш надорам, ағлаби онҳо маҳалгаро, сафсатафурӯш, лаққианд, лекин шуморо эҳтиром мекунам, зеро аз қабили ишон нестед. Дар Тоҷикистон рӯзҳои сиёҳро маҳз онҳо бар сари мардум оварданду мисли ману шумо ҳазоронро фирорӣ гардониданд. Зодаи шаҳри Душанбеям. То соли 1992 дар базаи автомобилии рақами 204 ронанда будам. Душанбе хонаи ман, гарчанде миллатам тотор аст, ба тоҷикигӯиям дигарон ҳавас мебаранд. Мехоҳам латоифи тозаеро бароятон ҳадя кунам, то қадре

табъатон хуш гардад. Аз дасти мани чун шумо фирорӣ ин лаҳзаҳо дигар коре намеояд. Балки имрӯз бароятон латифаи тоза намегӯям. Чунки бо ниёзе омадам. Ду сол боз дар ҳамсоягиам русдухтари оқилае иҷоранишин аст. Духтараки поку озода, нияти ба кадом мамлакат рафтан дорад, аммо чизе садди роҳаш аст. Ба наздикӣ дар қасри рассомони шаҳр намоиши асарҳои мусаввирони маҳаллӣ баргузор гардида буд. Ин духтарак асарҳоятонро писандидаву куҷо будани хонаву коргоҳатонро пурсуҷӯ кард. Ин ҷо мо фирориёнро, кӣ мешиносад!? Бидуни милиса нафари дигаре ба мо эътибор намедиҳад. Ин духтарак ҳам мо барин дарбадару овора. Шояд чун мо фирорӣ бошад, аммо сир бой намедиҳад. Ба русдухтар гуфтам, ки бо оғои мусаввир ошноӣ дорам ва шуморо албатта ба коргоҳашон мебарам. Пагоҳӣ ҳамроҳ омадем набудед.

– Аз паи коре рафта будам, ташвиш зиёд.

– Мабодо дигарбора биёяд, илтимос бо ӯ сӯҳбат кунед, – таъкид кард Мирзо, – баъди пешин ба Ленинград меравам, бор мебарам, шояд пас аз як моҳ баргардам, дар ин замона наҷунбӣ намешавад.

– Шумо на танҳо дар латифагӯӣ устодед, дар ёфтани роҳи зиндагӣ ҳам қобилед.

Аз чи бошад, ки Мирзои дар зоҳир бепарвою мудом чеҳракушод, оҳи сард кашид:

– Бародарам Сафдар, хушрӯзиҳои кас дар миҳананд, онҳо барои мо гузашта рафтанд. Имрӯзҳо ба чаҳор тараф давида, рӯзе пирсаг барин дар паси деворе афтида мемирем.

– Пас, чаро медавед?

– Чӣ хел надавам? Дар ҳуҷрачаи иҷора истиқомат мекунам, чаҳор кӯдак дорам, завҷаам бекор.

– Шуморо чӣ бало зад, – оҳиста пурсидам аз Мирзо. Хатҳои ҷабини ҳамсӯҳбатам афзуданд, дуди сигорро бошиддат фурӯ бурд:

– Раҳим ном писари рӯзноманигор дорам, ҳоло дар Маскав мезияд, ӯ бо мардуми шӯрида пайваст. Дар Ситод садри

дафтари матбуот буд.

– Худо хоҳад, вазъи сиёсии Тоҷикистон ба эътидол меояду насими ҳамдигарфаҳмӣ мевазад. Беҳуда нагуфтаанд, об агар садпора гардад боз бо ҳам ошност.

– Кошкӣ он рӯзро бо чашми сар бубинем, сонияе ин ҷо наистода, рост ба Душанбе меравем.

Бо Мирзо хайрухуш мекунаму суханонаш: «ба зиёиён кам рағбат дорам. Маҳз аз дасти чунин нафарон фирорӣ шудем, лекин шуморо эҳтиром мекунам, аз қабили ишон нестед...» дар сарам чарх мезананду худ ба худ мегӯям:

– Чӣ бахтест, ки ронандаи базлагӯи бузинасимо танҳо мусаввири овораро мешиносаду халос. Аз куҷо донад, ки ин вуболаки имрӯз овора, яке аз он ливобадастони сангар буд. Ва боз ба худ меандешам: «Бале, яке аз зиёиёне будам, ки пешопеши издиҳом мерафтам. Ба унвони президенти коммунисти нолоиқ қабеҳтарин суханро вирди забон мекардем. Мегуфтем, ки ту садди роҳи беҳбудии рӯзгори мардум ва рушду нумӯи Тоҷикистонӣ».

Он рӯзҳо аз ҷониби депутатҳои Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ моддаи 6-уми Конститутсияи шӯравӣ бекор карда шуд, яъне ҳизби коммунист қудрати яккатозиро аз даст дод. Ин ба мо илҳоми тоза бахшиду бо гомҳои шерона вориди майдонҳо гаштем. Гумон доштем, бо уфтодани моддаи 6-ум аз Конститусияи Шӯравӣ кулли роҳҳо ба рӯямон боз мегарданд. Бехабар аз он будем, ки пушти ҳар девор сад девори дигар аст, кори дунёро осон пиндоштан ҷуз соддалавҳӣ набудааст. Чун аз ин ноогоҳ будем, ба хотири аз Қасри ҳукумат рондани коммунистон даст ба исён задем...

Нисфирӯзӣ дари коргоҳи мусаввириамро касе оҳиста кӯфт.

– Марҳамат, дароед.

Дар кушода шуд. Худоё, чеҳраеро дидам, ки гӯё солҳо бароям шинос аст. Бӯи гуле ба димоғам расид, ки гӯё умре дар боғам буд. Чашмонеро дидам, ки ба пиндорам шабу рӯз сӯям менигаристанд. Ҳатто нафаскашиаш бароям шинос

буд. Ба мисли оҳанрубое буд, ки маро сӯяш кашида, бе овоз гуфт:

– Мана ман омадам

Аз диданаш сахт дар шигифтам. Ба пиндорам нур вориди хона гашт, нерӯи тоза пайдо кардам. Бияндешидам: дар ин мавзеи дур аз Меҳан, дар танҳоии даҳшатбор азизтарин нафаре паҳлӯям аст. Гӯё дарёи меҳр сӯи ҳуҷраи сарди танҳоям ҷорӣ гашт. Хобам ё бедор, мастам ё ҳушёр. Ба чеҳраи меҳмон менигарам. Чашмони нахчирӣ, нигоҳи ҷаззобаш духтаракам Гулдастаро, ки бар асари ҷанг ба Бадахшон фирор карда буду ду соли расо аз дидори ҳамдигар бенасиб будем, ба хотирам овард. Балки ба зоҳир ба духтарони авлоди падарам монанд буд:

– Наход, дар авлоди падарам забонгумкардае бошад? Кӣ донад ин чӣ асрорест? Аз замини афкорам хӯшаҳои ҳарфамро бо эҳтиёт мечидам, ки ба синаи икроми таборӣ чангу ғуборе нанишинаду тулӯи субҳро чодари шом напӯшонад:

– Ҳеҷ мумкин нест, ки дар вуҷуди ин духтарак хуни бобокалонам набошад. Охир кулли хешу ақрабоямро намешиносам-ку, назар ба шаҷара амвоҷи рӯди айём авлоди падарамро ба Эрону Ҳиндустону Чину Туркистон, шояд Урупо партофтааст. Дар Бадахшон теъдоди кам мезиянд. Бар замми ин, солхои тӯлонист, ки аз ишон дурам. Имрӯзҳо танҳо онҳоеро мешиносам, ки синну солашон аз 50 гузаштааст. Инҳо ҳам нафаронеанд, ки ба Душанбе, ба хонаам рафтуо доштанд. Шояд нафаре аз авлодам дар Руссия хонадор шудаанду ин духтарак ҷигарбанди ваю бародарзодаи банда бошад. Ё худ бо амри тақдир духтаре аз авлодам ба ҷавони миллати урупоӣ ба шавҳар баромадааст, гарчанде инро боре ҳам нашунидаам. Ҳамин тавр дари кошонаи тиҳиямро кадоме кушод, ҷаҳони хуфтае бедор шуд, наҷми дурахшони дуре наздик омад.

– Деворҳои гараж равғанӣ ва сип-сиёҳи даҳшатзоанд, ҳар чанд ба қавли хеш онҳоро таъмиру тармим карда, ҷо-ҷо

коғазҳои рангорангеро часпондаам. Палоспораҳову кӯрпаю болишти кӯҳнаи дарида ва дегу табақҳои аз доқиёнус монда. Ҳамзамон шукр мегӯям, ки чаҳор девори сиёҳ бошад ҳам, онро ҷои зист меномам. Дар ин ҷо нафас мекашам, аз тирезача тулӯъ ва ғуруби шамсу қамарро мебинам.

Аз тирезаи гараж, ки даричаи маҳбасхонаро мемонад, шамолаки баҳорӣ ворид мешавад. Рӯҳам аз он сахт меболад. Аллакай зимистони соли 1994 поён ёфт. Яъне, боз як баҳори умр насибам гашт. Масофа байни ин баҳору зимистони он соли Тоҷикистон ниҳоят дароз буд. Қариб ҳар рӯз хабарҳои даҳшатзоро мешунидам. Моҳи декабри соли 1994 расонаҳои ахбори олам хабар доданд, ки қумандон Алёша Гарбун, номи аслиаш Абдуламони Айёмбек дар Хоруғ назди дарвозаи бинои ситоди Иттиҳоди мухолифин бар асари таркиши гулӯл ҳалок гашт. Алёшаро хуб мешинохтам. Қади пасту дастони дарозе дошт, нотарсу далер ва таъсирбахш сухан мегуфт. Ҳар генерали марзбони Русия, ки вориди ин диёри кӯҳистон шавад, қабл аз ҳама аз назди ӯ мегузашт, зеро лаҷоми саманди оромии марз дар дасташ буд. Нерӯи пуриқтидоре ҳам дошт. Ба хотири истиқрори сулҳу салоҳ дар Бадахшон корҳои зиёд сомон медод.

Духтарак аз чӣ бошад, чун хонандаи бадхон, ки назди омӯзгор сари хам дорад, ба замин нигоҳ карда меистод.

– Хизмат?

Ӯ оҳиста сар бардошта гуфт:

– Хостам коргоҳи мусаввирии шуморо бубинам.

Аҷабо, наход дар ин мулки васею обод бидуни тамошои гаражи мошинҳои идораи дорупошак макони зеботар диққати ӯро ҷалб накарда бошад? Ҳиссиётамро, шубҳаамро фурӯ бурда, афзудам:

– Аз афти кор ба мусаввирӣ меҳр доред?

Чеҳраи духтарак оҳиста-оҳиста кушодатар шуду шуои хуршеди ҳусну ҷамолаш парафшонтар. Агар духтараки дигаре дар чунин ҳусну қабо мебуд, бешак кулли буду набудамро фидояш мекардам. Дар табиати эҷодкорон бебокӣ

бисёр дида мешавад. Ҳофиз Самарқанду Бухороро бо як холи сиёҳи туркдухт тӯҳфа кард. Наход банда гаражи мошинаҳои идораи дорупошакро аз ӯ дареғ дорам?

Бисёр мехоҳам, ки китоби зиндагиномааш имрӯз дар дастам бошаду гаштаю баргашта варақ гардонам, саропои ҳастияшро бихонам ва бидонам, ки парвардаи кадом ёру диёр аст? Банда ғарқи хаёлҳои печида будаму духтарак беларво аз ман сӯи мусаввараҳо чашм медух. Аз куҷо медонад, ки тарҳи рӯяш ба духтарони авлоди падарам монанд аст. Аз умқи дилам мегузарад, ки духтари кадоме аз бародаронам ва ё амакбачаҳоям бошад.

Дар ин зиндагии фиребанда бисёр чизҳое ҳастанд, ки на ман медонаму на вай. Дар пиндорам ҳоло ҳардуи мо дар шаби торики ҷангалистон чизеро меҷӯем, аниқтараш банда. Суханони меҳмон риштаи андешаамро канданд.

– Дар миёни асарҳоятон «Хазони бунафша» аҷаб мусаввараест. Бубинед, қиблагоҳ ба духтараки 6-7-сола барги хазон тӯҳфа мекунад. Дар он чӣ қадар захмҳои сина, орзуҳои ғӯрамарг ниҳонанд…

Худоё, вақте духтарак ин суханонро вирди забон мекард, ранги рӯяш тағйир ёфт, сози хомӯши қалбаш гӯё ба фарёд омад. Пиндоштам оташи оҳаш ҳамин ҳоло кулли мусавварахоямро месӯзонаду аз онҳо мушти хокистар боқӣ мемонад.

– Устод ҳар кас ба он мусаввара бо забони худаш ҳарф мезанад. Иддае дар он раҳоӣ аз олами пурдарди хешро ҷӯянд, дигаре чизе меҷӯяд, ки бояд биёбад.

Ин суханонро мешунаваму гӯё дидагонам сӯи дунёи дигаре боз мешаванд. Кадом дунё? Он чӣ номе дораду чӣ нишоне? Чӣ ранге дораду чӣ бӯе? Чӣ савте дораду чӣ нағмае? Зишт аст ё хуб? Мулоим аст, ё дурушт? Намедонам, ба Худо, ки намедонам.

– Мусаввараи «Хазони бунафша» писандатон омад?

Гӯё қалби кӯчакаш ҳамин ҳоло ба афғон медарояд ва ӯ аз гулӯям маҳкам медораду мегӯяд:

«Устод, кулли чизро медонеду худро гӯлу гумроҳ вонамуд месозед, маро масхара мекунед. Дар мусаввири ҷодугареду аз дарди дилам огоҳӣ доред. Медонам, барои чӣ «Хазони бунафша»-ро офаридед..! Гумонам хато набаромад, овози меҳмон боз ба гӯшам расид.

– Он барги хазони бунафша на, вараќи даридаи китоби дили ятимон аст. Шояд барои иддае баргаки оддист, вале дардмандонро олами беканорест, ҳазорон ҷилд китоби розҳост. Чизест, ки ману ҳазорон чу манҳо дар дил дорем.

Овози шинос! Кист ӯ? Мехостам ба хотир биёрам, ки кай ва дар куҷо ба ин монанд овозеро шунидаам. Дуру дароз меандешам, вале ҳеҷ ба хотарам намеояд. Ба рӯяш зеҳн мондам, мабодо дар ниқобе бошад. На! Чеҳраи тоза дошт. Кист соҳиби ин овози шиносу ба кӣ монанд аст ин чеҳраи ошно!

Мегӯянд, моргазида аз ресмони ало меҳаросад. Метарсам, ки сояҳаки хадамоти бехатаристу пешам айёрӣ дорад. Гӯрамро меканад. Духтарак аз ҷо бархеста бори дигар мусаввараҳоро аз наздик тамошо кард ва назараш дар кунҷи коргоҳ, ба дегчаю табақ ва кӯрпаю курпачаҳоям афтод ва бо ҳайрати тамом дуру дароз нигарист.

– Шумо ин ҷо зиндагӣ доред?

Хостам бигӯям: «Бумиён хона доранд, рӯзгори мо фирориён ҷӯгиёна аст. Фарқ танҳо дар он аст, ки ҷӯгиҳо даста-даста мегардаду куҷое хоҳад мераванд, аз онҳо на ҳуҷҷат мепурсанду на узви кадом ҳизб буданашонро. Фирорӣ, ба вижа, фирории сиёсӣ танҳо мезияду аз мушхонаҳо берун намешавад, аммо суханонаш боз ба гӯшам расиданд:

– Чаро ағлаби суратҳоятон ба Тоҷикистон бахшида шудаанд? Аз Тоҷикистонед?

– Бале.

Ҷавобамро шунида чеҳрааш кушода шуд. Гӯё ба дӯсти даврони кӯдакиаш, ки солҳои тӯлонӣ ҳамдигарро надидаанд, дучор омадаст. Ҳатто тарзи сухан гуфтану нигоҳаш тағйир ёфтанд.

– Афсӯс, ки имрӯзҳо Тоҷикистон ноором аст, ошёни холиро мемонад, чӯҷаҳояш ба чаҳор самти дунё парвозӣ шудаанд…

Ҳис мекардам, ки ин суханонро аз ҷигари сӯхта мегуфт. Ҳайратам аз он боло мегирифт, ки ин русдухтар ончунон сухан мегуфт, ки гӯё тоҷик аст ва чун банда фирорӣ. Пас аз оромии кӯтоҳе боз овозашро мешунавам:

– Худатон хӯрок мепазед?

– Чойро худам тайёр мекунам, нону хӯрокамро нафари дигаре мепазад.

– Тоҷик аст?

– То имрӯз тоҷики бумиро дар ин шаҳр дучор наомадаам.

– Шиносатон?

– Хато накардед.

– Фарзандонатон дар куҷоанд?

– Дар Бадахшон.

– Бадахшон зодгоҳатон аст?

– Бале.

Чеҳрааш кушодатар шуд. Худоё, чаро чунин дилкашолӣ сӯйи сарзамини сангистон? Оромӣ. Чашмони пурафсунаш аз шодӣ дурахшонтар шудаанд. Ва оқибат аз дастархони афкораш суханрезиҳо рехтанд:

– Майли Душанбе надоред?

Хостам иброз дорам: «Банда як фарди исёниаму ҳоло мавриди ба Душанбе баргаштанам нарасидааст». Азбаски ӯро ҳанӯз хуб намешинохтам, домони эҳтиётро гирифтам:

– Исёниён вориди майдон шуданду мо бегуноҳон дар азоб мондем, чунки дар ҷангал оташ уфтад хушку тар месӯзад. Баъд дар бораи асарҳое, ки ба намоиш гузошташуда буданд, сӯҳбат кардем. Ба нигораҳо баҳо дода метавонад. Аз ин ҳунари ӯ ба ҳайрат наомадам, зеро медонистам, ки ҷаҳонбинии ҷавонони урупоӣ васеъ аст. Ҳини сӯҳбат ғояи аҷоиберо пешниҳод намуд, ки он дар асл идомаи «Хазони бунафша» буд:

– Бисёр мехоҳам, ки дар боби «Андеша ва марг» асаре

биофареду дар намоиш бигузоред. Аминам, ки ҳаводорони зиёде пайдо мекунед.

– Яъне, андешаи бемори маҳкум ба марг?

– На, солим.

– Соддагӣ накунед, одами солимро марг кам ба ёдаш мерасад.

– На! Ҳастанд одамони солим, ки дар андешаи марги хешанд...

Он қадар бебокона ҳарф мезанад, ки гӯё на меҳмон, балки соҳибхона аст. Чи навъ инсони солим аз марги хеш меандешидааст?

Рӯи ҳавлӣ баромада, дар домани харсанге нишаста, ба чаҳор тараф нигаристам. Баҳор бо кулли зебоиҳояш салтанат дошт. Дар шохаи дарахти пири бед гунҷишкакон масти бозӣ буданд. Имрӯз фасли ишрати онҳост. Бидуни шодӣ дигар чӣ коре ҳам мекунанд. Ҳаёҳӯи зиёде доранд ва ин аст сози зиндагонии ишон. Мегӯянд ҳаёҳӯи гунҷишкакон фоли нек аст. Дарахт хеле пир буд. Ончуноне, ки галаи гургон гӯшти харро дар як лаҳза аз пайкараш канда мегиранду чуқурии даҳшатноки синааш боқӣ мемонад, танаи беди пир низ ба он шабоҳат дошт. Дар холигии танааш 5-6 тифлак метавонад бозӣ бикунад. Имрӯз ҳастии бед аз пӯсти карахти тунуке иборат асту бас. Бо вуҷуд ин кадом нерӯе ҳаст, ки намегузорад он биафтад, балки чо-ҷо шохаҳои сабзе ҳам дораду паррандагон дар он лона гузоштаанд. Ба дарахт менигараму ба кору бори дунё ҳайрон мемонам. Якеро бо тани солиму соҳибнерӯ ғӯрамарг мегардонаду дигареро бо дилу ҷигари пора ва устухони шикаста зинда медорад. Дуртар аз дарахт лолаву гулиҳои зиёд дар ҷавлон буд. Чӣ афсуне дорад баҳор! Шамолаке хезад атролуд, хуршед аз паси кӯҳҳо бурун ояд хандону пурнур. Сабзаҳои боғоту сари роҳу теппаҳо гилемҳои садрангро мемонанд. Гул рӯйи хок, гул дар шохаи беди пир, гул дар санг, гул дар даст, гул дар дил, гул дар нигоҳ, гул дар гул, гул да ҳарфу садо... гулистон аст баҳори ҳастӣ. То дергоҳ, вориди хона-гараж нашудам. Ба

самти офтобнишин нигаристам. Дар паси кӯҳҳо сарзамини муқаддасе – Миҳани ману ниёконам қарор дорад. Аспи зарринёли андешаам сӯяш метозад. Соли сеюм аст, ки дар ин мулк нангинтарин амали инсонӣ-ҷанги шаҳрвандӣ идома дорад. Дар навоҳии шимоли Афғонистони ҳамсоя гӯристонҳои зиёди фирориёни тоҷик пайдо шуданд. Вале чаҳор мавсими сол, аз ҷумла, баҳорро чӣ корест ба ин. Бигузор, миллионҳо ҳамдигарро бикушанду миллионҳои дигар фирорӣ бишаванд, баҳор дар вақташ меояд, салтанат меронаду меравад. Баҳор кулли мавҷудотро ҷону зебоӣ бахшиду Тоҷикистонро валангор намуд. Оҳ, баҳор! Дар гирду атрофи ҷасадҳои кирмзадаи одамон қашангтарин гулҳои баҳорӣ рӯиданд. Шеди баҳорӣ ҳар субҳ сӯи модарони мотамзада табассуми ширине дошт. Насими баҳорӣ мӯи сари ишонро сила менамуд. Чӣ коре дорад баҳор ба мотами моми тоҷик, чӣ коре дорад ба мурдаҳои кирмзада, чӣ коре дорад ба...

Насрингул, он ҷавонзани меҳрубон, он пушту паноҳам, ки мунтазам аз ҳолам хабар мегирифт, намудор шуд:

– Ана ин гапи дигар, оқибат суханонам асар карданду ба ҳавои тоза баромадед. Охир аз субҳ то шом беист суратkашӣ, ағлаб вақт истеъмоли ғизоро низ фаромӯш мекунед, шафкат ба ҷонатон надоред. Ба ҳавои тоза бароед, нерӯ пайдо мекунеду боз аз паи кор мешавед.

– Бале, дар ҳақиқат имрӯз тибқи маслиҳат амал кардам. Бечора Насрингул кай медонад, дар дунё чи гапу гапчаҳое тавлид ёфтанд ва кош оқибаташ ба хайр шавад. Ӯ меояд рӯбучин мекунад, ғизо омода месозад, меҳрубониҳо мебинаду меравад. Дар нигоҳ содда намояд ҳам, зирак аст.

Насрингул, Насрингул, агар ту намебуди ҳолам чӣ мешуд? Ва нахустин рӯзҳои шиносоӣ бо ин зани меҳрубон пеши дидагонам падид меоянд. Як шаби зимистони соли 1993 дар шаҳри Душанбе ду тан силоҳбадасти ниқобпӯш вориди хона шуданд. Ҳардуро аз овоз шинохтам. Онҳо ҳамсояҳоям буданд. Гуфтанд, ки бо супориши қумандон омадем, то шуморо гирифта барем. Он рӯзҳо ба маънои

«гирифта барем» на танҳо тифлакон, балки девонагон ҳам сарфаҳм мерафтанд.

– Метавонед ҷонатонро бихаред, чизе ба дастамон бидиҳеду аз шаҳр фирор кунед! Шуморо мо надидем, лекин шиносномаатонро мегирем. Ба қумандон мефаҳмонем, ки шуморо наёфтем, вале шиносномаро овардем.

Он вақтҳо некӣ аз ин беш намешуд, зеро агар маро мебурданд, аз сад ҷонам яктоашро ҳам ба саломат намебурдам. Халтаи сафариамро наздашон гузоштам. Дар он пули зиёде буд, байнашон тақсим карданд. Танҳо чанд пайсаи ночизро бароям мондаву боқимондаро ҳамроҳи шиносномаам бурданд. Худи ҳамон лаҳза роҳи шаҳри Баҳористони яке аз Ҷумҳуриҳои Осиёи Вусторо пеш гирифтам. Он чанд рубле, ки силоҳбадастон бароям ҳиммат карданд, дар чойхонаҳои сари роҳ сарф шуд.

Шаҳр бегона, киса холӣ, мардум ношинос, ҳатто шиносномa надорам. Ҳайронам чӣ тавр рӯз гузаронам? Чун фирорӣ ба ҳукумати маҳал муроҷиат накардам. Метарсидам, зеро он вақтҳо дар ҳукуматҳои иддае аз ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ба вижа, Осиёи Вусто нафароне буданд, ки фирориёнро зери ниқоби имдод ба қайд мегирифтанд, аммо ному насаби ишонро зуд ба идораи ҷосусӣ хабар медоданд ва инҳо зиндонӣ мешуданд. Номи банда кайҳо боз варақҳои идораи махсуси ҷустуҷӯии оламро зеб медод, барои ҳамин ба ҷое муроҷиат накарда, шабҳоро дар корвонсаройҳо рӯз мекардам. Ғизоям чою нон буд ва ғами зинда мондан буд. Шояд аз ин сабаб ба табларза гирифтор шудаму ба духтур муроҷиат кардам. Дар бинои дармонгоҳ зани чеҳрагарме аз дар даромада, паҳлӯям, рӯйи харак нишаст. Сӯҳбатамон тафсид. Аввал ба туркӣ ҳарф зад. Чун дид, ки як суханам аз ҷанубу дигаре аз шимол аст, донист, ки мусофирам, аз ин рӯ, сӯҳбатро ба русӣ оғоз кард. Аз рӯзгорам пурсон шуд. Гуфтам, ки дар Тоҷикистон муқовимати исёниёну ҳукумат оғоз ёфт. Сангареро ҷонибдорӣ накардам, аммо чунин ҳолате шуд, ки ноилоҷ

бояд роҳи фирорро пеш мегирифтам. Зан дуру дароз ба андеша рафт. Чизеро гуфтанӣ мешуд, аммо домани ҷуръат ба даст намеомад. Баъди андешаҳои тулонӣ иброз дошт:

– Як ҷой ҳасту шояд ба шумо маъқул нашавад. Гаражи як идора, агар қадре лабу лунҷашро ба низом биёрӣ, он ҷо муваққатан зистан мумкин.

– Имрӯз бароям сарпаноҳе бошад кифоя, вале онро кӣ ба ман медиҳад?

– Бепарво бошед. Садри идора бачаи амакам. Аз назди духтур, ки баромадем меравем гаражро мебинед.

Духтур гуфт, ки агар дар бемористон табобат гиред, зуд сиҳат мешавед. Ман бошам дар андешаи соҳиб шудан ба гаражи ваъдакардаи ҳамсӯҳбатам будам. Ҳарчанд аҳволам вазнин буд, намехостам, ки ҳамин ҳоло бистарӣ шавам. Духтур розӣ шуд. Насрингул ҳамагӣ 3-4 дақиқа назди духтур бимонду баромад. Ва рафта дидем гаражро. Даврони осоиштагӣ раво намедидам, ки аққалан сагам дар ин ҷо бизияд, аммо ин рӯзҳо гараж бароям беҳтарин фароғатгоҳро мемонд. Лабу лунҷи гаражро бо имдод ин хонуми меҳрубон қадре ба низом овардам, аммо бӯи тунди доруҳо, ки солҳои тӯлонӣ ба ҳафт қабати хоки гараж рехтааст, бандаро сахт азоб медод. Аз бӯи ғализашон ҳамеша мадҳуш будам. Аз ин лиҳоз шабҳои дароз нахуфта хоки дохили гаражаро канда, аз ҳавлӣ дуртар бурда мепартофтам. Ба хотири пур кардани чуқуриҳои дохили гараж хокро аз берун кашонида меовардам. Ин амалам як моҳ идома дошт.

Баъд бо Насрингул унс гирифтем, рафту омадаш ба хонагараж сар шуд. Ҳамаи ин чун навори синамо аз пеши дидагон мегузарад. Ӯ шояд дар ин бора ҳеҷ наандешидааст, зеро кораш хеле зиёд. Ҳоло бошад гоҳе садои чумча ба гӯшам мерасаду гоҳе бо ҳам бархӯрдани пиёлаҳо. Ва ногоҳ овозашро мешунавам:

– Ба почта рафта меоям, ба Петербург ба писари донишҷӯям, телефон мекунам. Мақола омода бошад, сари роҳ ба редаксия дароям?

Насрингул ситоди фирориёни тоҷикро редаксия мегуфт. Ин меҳрубонияш ба дардам малҳам буд.

– Наметарсед?

– Чаро тарсам?!

Насрингул аз хона-гараж бурун шуда, роҳи ситодро пеш мегирад. Ситод аз устохона хеле дур буд. Дар ситод танҳо мухобирачӣ шабҳо кор мекарду халос. Нафарони асосии ситод дар ҷойҳои дигар мезистанд. Дар ин ҷо ҷамъомад баргузор намегардид.

Пагоҳии рӯзи панҷуми баъди вохӯрии нахустин бо русдухтар дари коргоҳамро касе кӯфт. Ба ростӣ сахт интизораш будам. Марҳамат гуфта, худро андармони кор кардам, гӯё бароям чи касе будани ин нафар фарқе надорад. Салом дод, бо ишораи даст ҷои нишаст нишон додам. Ташаккур гуфту рост наздам омад. Халтачаеро, ки дарунаш чизе дошт, сӯям дароз кард:

– Ин ҷо ду-се кулча ҳаст, худам пухтам.

– Лозим набуд, чаро ташвиш кашидед?

Духтарак бо табассуми ширин сӯям нигариста гуфт:

– Ин ташвиш бароям аҷаб кайфияте мебахшад.

– Аҷабо! Ташвиш ҳам кайфият доштааст? Ман бошам аз ташвиш хаста мешавам.

– Дилу завқ мухталифанд.

– Шояд.

– Бубахшед, номатонро мегуфтед? Чанд рӯз боз шиносему номатонро намедонам.

– Ҷуна.

Ҷуна, духтарони гурҷӣ чунин ном доранд, – меандешам. Ҷуна нигоҳи ҷаззобе сӯям афканд. Пинҳон набуд, ки мехоҳад чизе бигӯяд, вале ҷуръат намекунад. Ба ӯ нигаристам, дар ин лаҳзаҳо пораяки лаъли Бадахшонро мемонд: чашмон, чеҳра, ҳатто мӯйи мушкинаш медурахшид.

– Дар толори Намоишгоҳи мусавварахо вақте нигоҳам ба «Хазони бунафша» афтод, шуморо ҳанӯз надида будам, гумон кардам, ки офарандаи он одами ин ҷаҳон нест.

– Ташаккур.

Ва андешаи дигаре аз дилам гузашт: «Мабодо ин нусхаи фариштаи заминӣ маризи рӯҳӣ бошад».

Не! Фарёд мекашад дил. Вай масти мусаввараҳост. Хумори дидани онҳо ӯро ба инҷо овардааст.

Ба пиндораш шумо барои ӯ бгона нестед, ҳамроҳу ҳамрозед. Сад афсӯс, ки қалби садпораашро пироҳане пӯшондааст. Шумо онро намебинед, шояд дидан ҳам намехоҳед. Қудрати даркашро ҳам надоред.

Андешаҳоямро садои кушода шудани дари коргоҳам парешон кард. Нигоҳҳои ману Насрингул ба ҳам бархӯрданд:

– Ин қадар зуд омадед?

– Кор омад кард.

– Тинҷӣ?

– Тинҷӣ, сиҳату саломатанд. Мақола ба дасти муҳаррир расид.

– Ташаккур!

– Шинос шавед, номи ин кас Ҷуна. Мусаввири ҳаваскор, шӯъбаи кор бо занони ҳукумати шаҳр фиристодааст, ки муддате дар устохона нозукиҳои касбро ёд бигирад.

Насрингул айёрона дуру дароз ба духтарак нигарист, бо туркӣ чизе пурсид, чун суолаш бепосух монд, гуфт:

– Аҷаб, ки шӯъбаи кор бо занони ҳукумат рӯй ба ҳунари мусаввири овора гардонидааст.

Аз дари хона-гараж Қурбон ном марди миёнсол, ки навиштани лавҳаи корхонаи шахсиашро хоҳиш карда буд, даромад, ӯ ба сартопои Ҷуна нигариста:

– Духтаратон чун себи дукафон ба худатон монанд будаст. Ба Худо, ки нусхаи худатон, бародар. Мегӯянд, ки духтар назар ба модар ба падар меҳрубонтар мешавад. Бинед, ин қадар роҳи дарозро тай карда, суроғаи шуморо пайдо намуда, омадаанд. Дар мамлакати шумо ҳоло ҳам ҷангҳои шадид идома доранд. Расонаҳои ахбори олам ҳар рӯз дар ин бора хабар медиҳанд. Ӯ бо забони туркӣ суолҳои зиёдеро қатор кард, аммо онҳо бепосух монданд, худро гӯё

банди коре нишон дода, суханашро танҳо бо ишораи сар тасдиқ мекардам.

Ҳаққо, ки монанд аст, аз ӯ ҳатто бӯи фарзандонам меояд. Шояд Ҷуна низ аз андешаҳоям воқиф бошад, ки бо банда ин қадар бебокона сухан мекунад. Намедонам. Ҳар нафаре, ки вориди устохона мегардад, мегӯяд:

– Духтаратон нусхаи худатон.

– Духтари калониатон?

– Духтаратон хонадоранд?

– Духтаратон чӣ ном доранд?

Баъди ду рӯзи вориди устохона гардидани Ҷуна, шаб завҷаи марҳумам Ҷамиларо дар хоб дидам. Дар ҳуҷраи иҷораи кӯчаи Баҳораки шаҳри Душанбе, ки замоне мезистем, халтаи себ дар даст аз дар медаромад. Себҳо чунон калону зебо буданд, ки бори нахуст дар умрам медидам. Себҳоро дида, рости гап, оби даҳонам равон шуду беихтиёр пурсидам:

– Аз савдогарони ғармӣ харидед?

Ҷамила табассуми ширине кард:

– Наход то ин дараҷа фаромӯшхотир бошед! Ниҳолаки себе, ки пушти хона шинонда будем, имсол бор овард. Аз дастниҳоли худамон. Бубинед, чи қадар ширину зебост.

Ҷамила ниҳоят хурсанд менамуд. Вай чанд дона себро наздам гузошт:

– Кори ман бисёр аст, аз боғ хабар гиред. Дузд надарояд, имрӯзҳо гирду атроф пур аз дузду тарёкӣ шудааст.

Бедор шуда ба ёд овардам, ки қариб бист сол қалб, вақте бори дуюм хонадор шудам Ҷамиларо дар хоб дида будам. Дар ҳамон ҳуҷраи иҷора, рӯзи тавлиди Ҷумла, он ягона нишонаамонро қайд меардем. Ҷамила тамоми шаб рақсид. Ҷумларо нею маро табрик мегуфт, ки соҳиби чунин духтараки зебою бофаҳмӣ. Овозаш баланд ба гӯш меомад:

– Ҷумла шамъест, ки шоматонро рушноӣ мебахшад, ҷумла нурест, ки вуҷудатонро гармӣ ато мекунад. Ҷумла... Ҷумла...Ҷумла…

Аз хоб наосудам. Фолбин гуфт:

– Муроди Ҷамила чунин аст: хонадор шудед, аз рӯзгори гарони танҳоӣ раҳо ёфтед, аммо Ҷумларо фаромӯш накунед.

Қурбон лавҳа дар даст шодон бадар рафт, Насрингул низ сатилҳо дар даст аз хона-гараж берун шуд.

– Наздиктар биёед. Таҷрибаомӯзед, мусаввири навмашқед, ғамхории устодро бояд бубинед. Ҷуна табассум дорад:

– Модоме мусаввири ҳаваскор бошам, пас хомаву мизамро омода бисозед.

– Ба ҷон. Баъди ду рӯз ба кор оғоз мекунед. Ҳар ду хандидем:

– Баъди ду рӯз, яъне баъди 48 соат ё 2880 дакиқа 722800 сония. – Чӣ қадар тӯлонист, ин муддат, – мегӯяд Ҷуна.

Ин суханонро гуфту бо табассуми ширин сӯям нигарист, шояд гуфтан мехост, ки наздаш раваму лоаққал аз дастони нозукаш бигираму хайр то дидан бигӯям. Гоме пеш ниҳодам, аммо ба пиндорам, мушти дасти пуриқтидоре, ончунон, ки путки гароне рӯи санг меояд, бар фарқи сарам фуруд омад. Хостам мувозинатамро нигоҳ дорам, аммо ҳайҳот, натавонистам, чун дарахти пӯсидареша, ки аз шамол сарозер мешавад, уфтодам, Ҷуна аз дастам гирифта, аз замин бардошт. Дар пиндорам батамом шикаставу пора-пора шудаам. Ҳайрон гаштам, чӣ дасте буд, ки бар сарам расид? Кадом нерӯе маро рӯи хок афтонд? Худоё, наход дару девори кохи ҳастиям то ин дараҷа хароб гаштаанд. Наход ду соли оворагардӣ ба саломатиям он қадар асар кардааст, ки ҳатто ҳини раҳгардӣ чун пиракии садсола сарозер меравам.

Ҷуна аз бағалам гирифта, рӯи харак шинонд, хона дар нигоҳам торик намуд. Дилам беҳол шуд. Дар пиндорам фасли хазони умрам расид, дигар ҳатто мадори руйи замин ба по истодан надорам. Ҷунаро базӯр мебинам, ҳарчанд рӯйи харак нишаста, пушт ба девор дорам, вале Ҷуна аз ҳар ду бозувонам маҳкам доштааст, то боз наяфтам:

– Устод, чӣ гап шуд?

– Шояд кори дил бошад.

Пештар аз дил шикояте надоштам. Саманди нигоҳам сӯи Чуна метозад. Нигоҳаш, тарҳи рӯяш, аммаам Гулбибиро ба хотир меорад.

Дари коргоҳамро кадоме так-тақ зад.

– Марҳамат.

Ин Фотимаи тотор буд. Ӯ дар дӯкони доруфурӯшӣ, ки 120-150 қадам аз гараж дуртар аст, кор мекарду чанд муддат қабл аз банда хоҳиш намуд, ки сурати қиблагоҳи марҳумашро бикашам.

Фотима ба рӯям нигарист:

– Маризед?

– Аз дина боз қадре нотобам, баданам арақ мекунад, шаб табларза ҳам доштам.

– Худатонро эҳтиёт кунед, назди духтур равед, табобат бигиред.

Нархи доруҳо қимат бошад ҳам, ёфт мешаванд, пулатон нарасад, ман медиҳам.

– На ҳар дард дору дорад.

Фотима бо ҳайрат сӯям нигарист, гумон кард, ки ба бемории саратон гирифторам.

– Шумо, шумо, – ӯ забон хоид, – аллакай аз ташхиси духтурон гузаштед?

– Бале.

– Ба духтурон асло бовар накунед, рентген дигар чиз нишон медиҳаду лабораторияшон чизи дигар, хулосаи худашон билкул дигар. На ба инаш бовар бикунеду на ба онаш.

– Чизеро Худо дар пешонӣ навишта бошад, онро мебинем, худро маризи вазнин вонамуд кардам.

Ростӣ, баъди он воқеа дилам аз Ҷуна хунук шуд, аммо боз кадом нерӯе меҳрашро дар қалбам ба ҷунбиш овард. Акнун кулли кору борамро сӯе монда, барои Ҷуна бояд асбобҳои мусаввирию мизи корӣ муҳайё гардонам.

Пагоҳии рӯзи дигар Ҷуна ба кор омад, саломи меҳрангезашро шунидам.

Чаро ин қадар сеҳрангез аст, ин салом? Ба саломи Насрингул шабоҳате надорад. Ва боз худ посух медиҳам: Чун нафаре ба дилатон наздик бошад, ҳам ҳарфаш, ҳам гомаш, ҳам ҳаракаташ, ҳам либсаш ва балки зиштиҳояш ҳама дар нигоҳат ширин метобанд. Ҷуна ба банда наздик мешавад ва бори нахуст даст медиҳад.

– Марҳамат, ҷои кори Раффоэли сонӣ, маъқул набошад, сепояи рассомиашонро ба ҷои дигар мекӯчонем, хандида иброз доштам ман.

– Устод табъи дил, акнун бифармоед, чӣ коре кунам, – боз бо ҳамон табассуми ширини ба худаш хос гуфт вай. Ҳайрон шудам, ки чи гӯям.

– Чизе бихоҳед бикашед, агар дар замиратон ҷавҳараки шавқ бошад, ин ҳунарро зуд ёд мегиред. Лозим ояд, мадад мерасонем.

Ҷуна килкро ба даст гирифту аз паи кор шуд. Ноаён тарафаш нигаристам, то кунҷковиамро пай набарад. Аҷабо, наход Ҷуна мусаввири касбӣ бошад. Ӯ килкро дар кафи даст он тавре медорад, ки хоси рассом аст. Нимрӯзӣ ӯро ба чойнӯшӣ хондам, халтачаашро кушод, чанд дона кулчаҳои ширмол рӯи дастархон гузошт.

– Ин чӣ маънӣ дорад?

Оҳи сарде кашид:

– Одати тарбиягирифтаҳои Хонаи кӯдакон ҳамин аст. Тӯшаамон ҳамеша ҳамроҳамон.

Ба ӯ чизе нагуфта, дар дил ба унвони чархи гардун қабеҳтарин суханонро иброз доштам, ки чаро дунёро ба ҷавлонгоҳи яке ва дарду азоби ҷонкоҳи дигаре қисмат намудааст.

Ҳамаи инро меандешаму боз ва боз ба чеҳраи гарму ошнои Ҷуна менигарам. Нусхаи духтару писаронам. Ва овозро бубинед, он қадар шинос ки!.. Худоё, тавфиқ бидеҳ, то бишиносам ин лаҳнро. Хотири парешонамро гирд орам.

«Ҷуна, дар кучое овозатро шунидаам». Вай албатта механдаду мегӯяд: устод, овозҳои монанд магар каманд».

Ва дар ин лаҳза овози ӯро мешунавам:

– Чойро танҳо бо кулчаҳои ман менӯшем. Маззаи кулчаҳоро аввал устод мечашанд.

– Маззаи кулчаро аввал соҳибаш мечашад, мабодо даруnаш хлорофос бошад.

Ҷуна оҳиста, вале зебо механдад.

Ҳатто дандонҳояш чун дандонҳои духтарам Гулдаста, хандаҳояш ҳам монанданд. Ку, калид, ки ин асрорро кушояд. Ку нерӯе, ки ин асрорро бишканаду ҳақиқат мана ман бигӯяд. Ҷуна бепарвоёна, тифлона механдад, завқ мебарад.

Ҷуна, Ҷуна, намедонам дар ин шаҳр аз таги замин баромадӣ, ё аз само фуруд омадаӣ, ки балои ҷони мусаввири оворагард шудӣ. Ту кистӣ? Ту нуре ҳастӣ, ки роҳамро рӯшанӣ мебахшӣ, ту аз рафтагонам нишонаӣ, ту... ту.., ту... Худоё, аз хеш бурун мешавам, синну соламро фаромӯш мекунам. Чун ҷавони 20-сола, ки духтараки зебоеро мебинаду сари калобаашро гум мекунад, хешро идора карда наметавонам. Мехоҳам сухани меҳрангези ошиқонаеро вирди забон бикунам. Дар самои олами ҷавонӣ бол занам. Дар амвоҷи гирдобҳои муҳаббат шино кунам. Аз он ки аз ҳуҷраи вайронаи умрам то ҷарии хокхуфтагон танҳо чанд гоме мондааст, андеша надорам. Кунҷи хилватро мехоҳам. Ба он нигоҳ накарда, ки ишқ дардест, санъати баланд ҳам ҳаст. На ҳар кӣ ин санъатро медонаду мепарастад, бори ин дардро ба манзил расонида метавонад.

Сӯи Ҷуна менигараму мисраи Сайидо ба хотирам меояд: Сад забон донему ҳамчун соя хомӯшем мо. Вале ҳарчи бодобод ба Ҷуна наздиктар меоям. Ҷуна дар рӯбарӯям истодааст. Латифае гуфтаму ҳар ду баланд хандидем. Бо шунидани номи Тоҷикистон табассум аз лабонаш фирор кард. Сӯям нигариста оҳиста гуфт:

– Гарон аст хандидан бар ҳоли мом. Латифаи фаҳшеро дар деги хотирам пазонида, рӯи дасторхонди сӯҳбатамон гузоштам. Ҷунаро он қадар писанд наомад. Ногоҳ раги гарданамончунон кашид, ки беихтиёр оҳ гуфта пиёла аз дастам уфтод.

– Устод, тинҷӣ!

– Гарданам шамол задааст.

Аз асли воқеа ҳарфе назадам, медонистам, ки боз бо кадом нерӯи париқтидори ғайбе сару кор дорам. Шояд нақши ангуштони дасташ низ рӯйи гарданам бошанд. Бандҳои гарданам дард мекарданд, дандон ба дандон монда ас-сабр мегуфтам. Агар танҳо мебудам, аз ин рӯзи сияҳам баланд-баланд мегиристам. Мегиристам на аз он, ки дард азобам медод, не, аз он мегиристам, ки агар ин кори нерӯи ғайб бошад, пас ҳамаи ин шиканҷаҳо ба кадом хотиранд.

Кист ӯ? Ва чаро маҳз аз гиребони банда сахт гирифтааст! Ё тавре мегӯянд: кулли бало аз думболи гадо. Шояд қиссаҳои деву ҷину албастӣ ҳақиқат бошанд.

– Ҳолатон беҳ шуд устод?

– Худоро шукр.

– Хайрият.

Ҷуна чойники чойро аз наздам гирифта, чун соҳибхона онро бо дастмол тоза кард. Сарриштаи хона-гаражро ба хаёлам ба даст гирифтанӣ. Чойро нӯшидем, чойнику пиёларо тоза шуста, дар ҷояш монд. Дар он қисмати хона, ки ҷои бистар буд, як соат ҷумбуҷӯл кард, ба кораш халал нарасонидам. Назди сепояи мусаввириаш рафтам ва мутаҳайир шудам. Ҷуна мусаввири асиле будаасту ман бехабар. Рӯи коғаз акси чашмони шаҳлои духтарак, қадре поёнтар хоросангеро тасвир кардааст. Аз дидаҳои духтар қатраҳои сиришк рӯи санг мeғеланд. Қадре дуртар болои кӯҳҳои сарбарфалак хуршеди дар ғуруб. Хостам, дод занам, фарёд кунам:

– Ай Ҷуна, Ҷуна! Чаро дар ин синну сол рӯ ба ҳузн овардаӣ? Сиришкат рӯи хорасанг метаровад! Чӣ асрорест?! Чаро кохи ғам бунёд мекунӣ? Гули ҳастӣ, ки ғуломи сиришк шуд, оқибат хокистар гашта, хешро дар кафи боди дайду мебинад. Ана мусаввири ҳақиқӣ дар куҷо будааст! Чаро ӯ худро ҳаваскор хонд?

– Дар куҷо ин ҳунарро омӯхтаед?

– Аз хурдсоли ба рассомӣ рағбат доштам, қиблагоҳам

мусаввир буданд.

Хостам бипурсам, ки киблагоҳатон чӣ ном дорад ва ҳоло куҷост. Аз пурсиш худдорӣ кардаму ин суханон аз даҳонам баромад:

– Агар хоҳед, ҳамроҳ кор мекунем, лекин ҳаққи меҳнат корбайъ.

– Шояд аз ӯҳдаи кор набароям.

– Агар намебаромадед, таклиф намекардам.

– Яъне соҳибҳунар, – ва табассум мекунад.

– Бале, мусаввири комил будаед.

– Ташаккур устод! Ҳоло меравам, пагоҳ шояд омада натавонам. «Шояд омада натавонам», чун ханҷаре бар ҷигарам расид.

– Акнун коргар шудед, бикӯшед, аз кор дер намонед. Истеъдоди мусаввирӣ доред, танҳо кӯшишу ғайрат лозим асту бас.

– Устод, кӯшишҳои ман дар ҷодаи дигаранд, ҷодае, ки умре дар ҷустуҷӯяш ҳастам.

Боз ба жарфнои укёнуси андеша фурӯ меравам, зеро бо фарде сарукор дорам, ки на имрӯзашрову на гузаштаашро, на зоҳирашро ва на ботинашро медонам. Дар пиндорам Ҷуна косаи шикастаеро мемонад, ки фарёдҳо дорад.

«Маро бупайвандед, замоне санги сарди ҳаводис порапораам карду имрӯз пораҳоям нола мезананд. Бупайвандед маро», – мегӯянд онҳо, аммо ку имдоде. Суйи Ҷуна менигараму боз таъкид мекунам:

– Нияти кор дошта бошед, бикӯшед ки бештари вақти хешро ин ҷо гузаронед.

Дари коргаҳ кушода шуду Насрингул дар остона намудор гашт. Салом дода, аз рӯи Ҷуна бӯсид ва маро ҳолпурсӣ кард, сипас ба ӯ нигарист:

– Шумо аз афташ корро сомон додед?

– Бале, бевақт шуд акнун меравам.

– Ҳеҷ гап не, хона меравем, ҷойи хоб ҳаст, худоро шукр, ҳавлӣ дорем.

– Раҳмат, ягон рӯз медароям.

Ҷуна бо ману Насрингул худоҳофизӣ карда, аз хона-гараж бурун шуд.

Баъди омадани Ҷуна дар девори зиндагонии ману Насрингул рахна пайдо шуд, вале сир бой намедодем. Дар коргоҳ байни ману Насрингул ҳанӯз бозии мушу гурба оғоз нагардида буд, аммо аз нигоҳҳову ҳарфу садоҳо пай бурдан мушкил набуд, ки дар нахли муносибатамон аллакай ғунчаҳои нобоварӣ рӯ задаанд.

Насрингул ба он қисмати коргоҳ, ки ҷойи зистам буд, гузашта дигаргуниҳоро дид ва бо оҳанги тамасхуролуде гуфт:

– Дар саросари дунё ягона ғамхори фирориён шӯъбаи кор бо занон будааст.

– Рашк набаред Насрингул! Агар гумони бад доред, минбаъд омадани русдухтарро манъ мекунам. Кӯдак нестед! Синну соламон ба як ҷо расидааст, – бо оҳанги маҳзун гуфтам ман.

– Наход шӯхӣ қардан ҳам мумкин набошад.

Килки мусаввириамро рӯи миз гузошта, ӯро ба оғӯш кашида, гарм бӯсидам.

– Насрингул, қасам хӯред, ки андешаҳои ғалат ба дил роҳ намедиҳед, марову худатонро азоб намедиҳед. Бе ин ҳам зиндагонии ваҳмангезе дорам, онро даҳшатноктар магардонед.

– Ку коғазҳо, ки сари роҳ ба редаксия супорам.

– Қадре сабр кунед. Ба паём бояд посух дод.

– Чӣ паём будааст?

– Шумо коғазҳои редаксияро мебареду мебиёед, аммо намедонед, ки дар онҳо чӣ гапҳоеанд.

– Вазифаи ман ба манзил расондан.

Дар паём омада буд, ки бояд муайян намоям, ки хадамоти бехатарии ин мамлакат ба фирориён чӣ муносибат доранд.

– Навиштед?

– Ду-се ҷумла мондааст.

– Дар кӯчаҳо намегардед-ку, аз куҷо ҷавоб меёбед?

– Дар зиндон бизиям ҳам медонам, ки дар дунё чи гапҳаст. Ғайр аз шумо ба гараж «ронандаҳо» ҳам меоянд-ку…

– Деву албастиҳои хабаркашак ҳам доштагистед?

– Бешак.

Насрингул табассум мекунад:

– На бечорагиатро фаҳмидаму на бегонагиатро.

Ҷуна субҳи рӯзи дигар барвақт дар коргоҳ ҳозир шуд. Табассумҳои ширину дилрабое дошт. Худоё. Дар набудаанаш ӯро мепарастам, сахт пазмон мешавам, афкори беҷое дар сар тавлид мегардад, вале чун бо ман рӯ ба рӯ шуд, гап дигар мешавад, дил мехоҳад ба ӯ чун хоҳар ва ё духтар мурочиат намояд.

Ба хотирам омад, ки боре Ҷуна гуфта буд: «Падарам мусаввирӣ мекард».

Куҷо бошад падараш?

Кӣ бошад падараш?

Шояд фавтида? Охир Ҷуна гуфта буд-ку парвардаи хонаи кӯдакон аст. Дареғ, ҳамон вақт куҷо будани қиблагоҳашро напурсидам. Акнун то худаш нагӯяд, пурсидан нағз не. Шояд фавтида бошад, балки модараш дар куҷост. Аз ҳоли модараш мепурсам, шояд ба ин баҳона кулли гиреҳҳо кушода гарданд.

– Ҷуна, боре гуфта будед, ки қиблагоҳатон мусаввирӣ мекарданд, аммо аз модаратон ҳарфе нагуфтед. Модоме дар як ҷо кор мекунем, аз саргузашти ҳамдигар воқиф бошем, нағз. Ҷуна хандид. Хандааш ба назарам ғамолуд тофт.

– Чӣ лозим гоме сӯйи торикиҳо.

– Олами волидайн магар торикиҳост?!

– Устоди меҳрубон! Баробари манзалати волидайн дар олам чизе нест. Кам аст агар умре ишонро рӯйи даст бардореду дар саросари олам бигардонед. Аммо нафароне, ки волидайнашонро надидаанд, чи тавр дар бораи онҳо ҳарф мезананд. Ман бо ёди дидори хешу табор мезиям, ки шояд за-

моне насиб бигардад. Шояд нахли орзуям рӯзе баргу бор оварад. Мушкил аст вақте инсон аз решапайвандаш ҷудо гардад. Танҳоӣ ваҳшатбор аст.

Раҳмам омад бар ҳоли Ҷуна. Чаро ба ҷароҳаташ намак пошидам. Худро нафрин гуфтам.

– Ҷуна ин ҷо бошед, сари қадам бозор равам. Ранги кабуд тамом шудааст.

Пас гаштаму дар ҳайрат мондам. Ҷуна сепояи мусаввириашро ба сепоям хеле наздик овардааст. Худро саргарми кор вонамуд мекард.

– Ҷои сепояи мусаввириатонро тағйир додед?

– Хостам ба устод наздиктар бошам, ҳар чи надонам, бипурсам.

Чизе нагуфтам. Офаридани портрети тифлакро, ки дархости момаш буд, ба ӯ супоридам. Хеле зебо кашид, танҳо биниашро фаромӯш кардааст.

– Устод, вақте портрети шогирдонае меофарам, бинии инсонро на ҳамеша он тавре ҳаст, ба қалам медиҳам.

Даст сӯи килк бурда хоҳиш намудам, ки ба ҳаракати дасти ман бодиққат нигоҳ кунад. Коғазро дар рӯ ба рӯяш гузошта, шакли биниро кашидам. Дасти Ҷуна ба дастам расид. Ба баданам мурғак давид, ҳолати ноаёне вуҷудамро беқарор кард. Дастамро пас кашида хостам гӯям:

«Духтарам», аммо ин вожа аз забон гӯё ба қаъри дил фурӯ рафт. Пеши назарам ҳавои гардолуд, торикистон, чизеро намебинам... Ай галаи ниқобҳо! Кистед? Дӯстед? Душманед? Кӯред? Лангед? Дар бунёд чӣ доред! Ғаждиҳо! Сиёҳиҳо! Агар на, чаро шуморо ниқоб хондаанд. Чӣ рӯзе ба сарам омадааст, ки бо ниқоб сару кор гирифтаам. Аз дасти ниқоб дар ин гараж паноҳ бурдаам. Дар Душанбе беҳтарин мусаввирон ҳамроҳам кор кардаанд, дар офаридани асар на ҳамаашон аз Ҷуна нерӯи баландтар доштанд. Чаро ӯ хешро чун ҳаваскор муаррифӣ карду тарҳи биниро ба қавли худаш «он қадар хуб» накашид

Сӯи мусаввараи Ҷуна нигаристам… ҷангалистонҳо, гар-

ди корвонҳо, тӯфонҳо, ваҳшатҳо, даҳшатҳо, муаммоҳо, вулқонҳо, исёнҳо, хомӯшиҳо. Баҳри дили ӯ дар ҷӯшу хурӯш буд. Чашмонаш механдиданд. Ӯ шояд гуфтанӣ буд: «Устод, бидонед, ки кистам. Бо дасти холӣ наомадам. Ҳар чи биандешед, ихтиёр доред, вале ман гумкардаамро меҷӯям. Ҳамин мурод боли ман, илҳомбахши килкам аст». Ҷуна ончуноне нафаре қабл аз анҷоми тамошои намоиш хом толори театрро тарк мегӯяд, халтачаи сафариашро бардошт.

– Устод, агар мумкин бошад, биравам. Попӯшҳоям дар таъмиранд, то ба устохона мерасам, ки соат шаш мешавад.

Вай рафт, рафту худро қадре озод ҳис кардам, вале ин дер давом накард. Коргоҳи пур аз мусавварахо, сепояҳо, коғазҳо, кӯрпаву чодару таксарии кӯҳна, дегу косаву чойнику пиёлаҳои давраи доқёнусии даҳмардаҳо дар нигоҳам ба деву ҷин, мору каждум табдил ёфта, мисле ки қасди ҷонам доранд. Нафасам тангӣ карду рӯи ҳавлӣ баромадам.

Дил мехоҳад аз ҳама бигрезам, ҳатто аз Ҷуна. Аз ин гаражи мошинҳои дорупошак ҳам, ки сарпаноҳам аст, аммо кадом як нерӯе садди роҳам мешавад.

Ғарқи андешаҳо будам, ки аз пушти дарахтон Насрингул, он Насрингуле, ки пояи кохи ҳастиам аст, Насрингуле, ки бе вай санги сарди сари роҳам, Насрингуле, ки нури дидаву нерӯи дилам аст, Насрингуле, ки шамъи шоми торам аст, падидор гашт.

Насрингул! Кам аст, агар гӯям, ки хоки поят шавам. Ба шарофати ту чун сояҳаке ҷумбуҷӯл дорам. Ба пиндорам ту рамзи бузургтарин зани оламӣ. Ношукрбандае, шавҳари тарёкиат ба қадрат нарасид, чӣ рӯзҳои сахтеро ба сарат овард. Аз кадоме шунида будам, ки боре дар зимистони қаҳратун шабона туро пои урён аз хона бурун кард, вале ба хотири тифлаконат аз он дад ҷудо нашудию он даҳшатхонаро тарк нагуфтӣ. Чаҳор сол боз ӯ гоҳ дар табобату гоҳ дар хона аст. Ту дар ҳаққаш ҳарфи баде намегӯӣ.

Агар дар Тоҷикистон сулҳ барқарор гардаду ба кишварам баргардам, пайкараатро дар ҳавлии хеш мегузорам, аз

накӯиҳоят ба фарзандону набераҳоям қисса мекунам.

Ҳар бор аз назди дарахте, ки Насрингул аз пасаш намоён шуд, гузарам, ҳодисаи тобистони соли 1998 ба хотирам меояд. Тақрибан соати 11 буд, ки дари хона-гаражро касе кӯфт. Бӯи заҳи зиндон ба димоғамон омад, аҳриман гӯё дар паси дар пайдо шуд. Дар пиндорам хонаро гӯё дуди сиёҳе печонид. Дарро такроран кӯфтанд, пай бурдам, ки зеру бами ин он даркӯбӣ дигар аст. Дар тӯли 2-сол чунин садоро бори нахуст мешунавам. Дарро кушодам. Якбора чаҳор тан вориди хона-гараж шуданд. Нафари пастқади паҳлавонсимо ҳуҷҷати сурхеро нишон дода, бо забони русӣ гуфт:

– Аз хадамоти бехатарии...

Бо шунидани ин вожа дар ҷоям карахт шудам. Дар пиндорам шамшере сӯям медавид. Ҳалқаи доре рақсон сӯи гарданам меомад, ситораи наҳси оташборе аз симо сӯям парвоз мекард. Дастбаста маро мебурданд, ки Насрингул назди ҳамин дарахт аз куҷое падид омад. Ва чун маро дид, чизе нагуфта, гузашта рафт, хешро тавре вонамуд кард, ки Сафдари мусаввирро намешиносад. Маро ба идораи бехатарии шаҳр ва пас аз чанд соат ба дафтари кори раиси идораи бехатарии вилоят бурданд. Паси миз ҷавони тахмин 40-солае менишаст.

– Бо ягон давлати дунё дар боби дастгир ва интиқол додани фирориёни сиёсӣ созишнома надорем, аз ин лиҳоз дар ҳамин ҷо бимонед, лекин аз шаҳр берун рафтанӣ шавед, албатта, ба идораи мо хабар диҳед. Ин танҳо ба хотири бехатарии шумост.

Маро ҷавоб доданд, аммо бовар накардам, сӯи хона-гаража пиёда гом мемондам. То ба манзил расидан сад маротиба қафо нигаристам. Хушбахтона ҳамааш ба хубӣ анҷомид. Медонистам, ки дар раҳоиам ҳиссаи Насрингул буд. То зиндаам ин занро чун шамсу қамар мепарастам.

Насрингул бо меҳр салом дода, чун нафари наздике, аз дасти ростам гирифт.

– Пазмон шудед.

– Пазмонӣ ҳам гап, агар ҳамин ҳоло намеомадед, дилам

аз ғусса мекафид.

– Дил дар арафаи кафидан гӯед.

– Бале.

Вақти бозгашт Насрингул чун ҳамеша пурсид:

Мақола тайёр?

– Бале...

Тақрибан соатҳои 8.30 субҳ Ҷуна ба хона-гараж омад. Чун ҳаррӯза хандон буд. Шаб ба хулосае омада будам, ки имрӯз бо Ҷуна дуру дароз сӯҳбат хоҳам кард. Бояд ба хотир биёрам, ки ин овози шиносро кай ва дар куҷо шунидаам. Аз ин лиҳоз корро сӯе монда аз ҳар боб ҳарф мезадем, аммо аз чӣ бошад, ки сари мақсад намеомадам. Хуллас сӯҳбати имрӯза ҳам, нусхаи пешинаҳо буд. Ҳамаи ин шояд ба дили Ҷуна зад, ки гуфт:

– Устод, имрӯз аз афташ корпартоӣ дорем, ки қалам ба даст намегирем.

– Аз корпартоиву гирдиҳамоӣ нагӯ, ки ёдҳои талхе дар дил дорам.

– Модоме аз корпартоӣ ҳазар доред, биёед ба ҳазрати мӯқалам салом гӯем.

Мӯқалам ба даст гирифта шакли бинии одамро алоҳида кашидам.

– Хуб зеҳн бимонед, бори дуюм, бори сеюм, бори чаҳорум мекашам, – Ҷуна дилу бедилон сӯи мӯқалами дар дастам буда нигарист. Қарибиҳои бегоҳӣ портретро пешам гузошт. На дар бинӣ саҳве буду на дар гӯш. Портретро бардошта будам, ки коғазе рӯи миз уфтод. Гирифта хондам: «Устод, аз ман дурӣ маҷӯед, мусаввараҳоятонро ҷон мебахшам».

Ҷуна маро таги чашм мушоҳида менамуд, лекин худро тавре вонамуд мекард, ки банди кор бо мусаввараҳост.

Чӣ гуфтанамро надонистам, охир ба ин гӯли гумроҳ чӣ ҳам бигӯям. Сӯзад гӯри Мирзои маймунсимо, ки ӯро сӯи коргоҳам овард. Худоё, чӣ гирдобест, ки аз печу тобаш бурун шуда наметавонам. Меҳр ҳаст, аммо на меҳри маҳбуба.

Ҳарчанд мехоҳам аз муҳаббат сухан ронам, вале чизе гулӯгирам мекунад, садд мешавад. Рӯзи дуюми ба коргоҳ омадани Ҷуна хоб дидам. Қиблагоҳам, ки аз вафоташ 36 сол гузаштааст, хандон вориди коргоҳам шуд. Ба истиқболаш хестам. Ӯ рӯи кӯрпача нишаст. Ҷуна чой овард. Қиблагоҳам аз рухсораш мебӯсид ва «Гулбибӣ, Гулбибӣ» гуфта ӯро муроҷиат мекард. Гулбибӣ, аммаам баъди падарам фавтида буданд. Қиблагоҳам ба банда эътиборе намедод, фақат бо Ҷуна дар сӯҳбат буд. Онҳо чизе мегуфтанду баланд-баланд бо завқ механдиданд. Онҳо номи зодгоҳи қиблагоҳамро вирди забон мекарданд. Ҷуна дар бораи хӯшачиниаш ҳарф заду боз баланд-баланд хандиданд.

Аз хоб бедор шудам. Чароғ гирондам, соат яки шаб буд. То субҳ дигар хобам набурд. Он рӯзҳо ба хобу таъбири он чандон эътибор намедодам. Рӯҳи инсон, ки дар ҳаракат аст, ба истеъмоли ғизо, ҳар гуна саргузашту воқеот ва муҳит, фаъолияти асаб алоқаманд донистам. Бори аввал вақте хостам дастакони широлуди Ҷунаро фишорам, мушти пуриқтидор бандаро аз пой афтонд. Ва ҳамон шаб қиблагоҳамро хоб дидам, вориди коргоҳ шуд, рӯяш туруш буд. Аз ҷоям ба истиқболаш бархостам, заррае эътибор надод, ҳатто сӯям нимнигоҳ накард:

– Ку Гулбибии аммаат – бо қахр гуфт ӯ;

– Қиблагоҳам, аммаам Гулбибӣ панҷ сол қалб фавтида буданд. Падарам бо нигоҳи ғазаболуд рост ба чашмонам нигарист:

– Хуки ёбоӣ, кош ҷои аммаат ту мемурдӣ, – ва бо асои дасташ essentially онҷунон бар фарқи сарам зад, ки пуштнокӣ рӯи фарши хона афтодам.

– Зуд хез, хуки ёбоӣ, вагарна онҷунон ба каллаи пӯсидаат мезанам, ки…

Ларзон хеста дар наздаш истодам. Қаҳру ғазаби қиблагоҳам ҳанӯз ҳам паст нашуда буд:

– Гӯли гумроҳ, ку Гулбибии аммаат?

– На-ме-донам, – ҳиҷоҳоро чида-чида гуфтам зеро

вуҷудам меларзид, қиблагоҳам бо заҳрханда иброз дошт:

– Мӯи сарат сап-сафед шуду ҳоло ҳам дар куҷо будани аммаатро намедонӣ.

Аз хоб бедор шуда, чун тифлаки ятимонда талх гиристам. Аҷоиб ки ду соли фирорӣ буданам, гушна ҳам будаму пойлуч ҳам, аз таъқиботи хадамоти ҷосусии мамолики мухталиф ҳафтаҳо дар таҳхонаҳои захдор зистам, боре ҳам сиришки дидагонам нарехт, вале имрӯз мани 50-сола талх гиристам. Аз он гиристам, ки чаро рӯҳи поки қиблагоҳам озурдаасту маро хуки ёбоӣ мехонад. Ин лаҳза ягона тасаллибахш чилим буд. Пештар аҳён-аҳён мекашидам, аз бозе, ки нигоҳам ба чеҳраву лаҳни ошнои Ҷуна бархӯрд, коргоҳам ҳамеша пури дуд аст. Сари калобаамро намеёфтам. Пайваста вориди пайроҳаҳои сарбаста мешудам. Балои сарам шуд ин Ҷуна.

Хостам коғазро пеши Ҷуна пора-пора карда, ба фарши хона ҳаво диҳам, вале боз кадом як қувваи ниҳоние нигоҳам дошт ва аз дур гӯё овозе ба гӯшам расид: «Ин амал ханҷаре мешавад дар ҷигараш».

Шояд ин нома аз меҳри пок бошад. Боз хаёлам ба сари он рафт: «Чаро қиблагоҳам рӯзе бо чеҳраи хандону рӯзи дигар бо хандаи ғамолуду хашмолуд ба хобам медароянд, ҳатто боре бо асояш бар фарқи сарам бизад?

Қаблан Насрингул як рӯз хӯрок мепухт, мондагиашро рӯзи дигар мехӯрдем, аммо як бегоҳ гуфт:

– Сафдар, аз хӯроки шабмонда лаззат меравад, ҳоло ки Ҷуна ҳамин ҷост, бигузор нисфирӯзӣ хӯроки гарм пазад.

Рӯзи дигар ба Ҷуна гуфтам:

– Агар заҳмат набошад нимрӯзӣ хӯроки гарм пазед.

– Чӣ пазам?

– Халтаро кушоед, ку бубинем аз озуқа чиҳо дорем?

– Ман каме гӯшт овардам.

– Ин корро накунед. Лозим шавад, худам мегӯям.

– Шумо намегӯед.

– Чаро?

– Бегонаам.

– Бегона нестед.

«Бегона нестед» – аз жарфнои укёнуси қалбам бо бӯю ранги меҳромез бурун шуд.

Хӯрок омода гашт. Хӯрокпазию хӯроккашию ороиши дастархону гирди дастархон нишастан ҳамааш аврупоист. Насрингул низ хӯрокҳои бомаза мепазад, аммо карамшӯрбои Ҷуна фарқ дошт.

– На танҳо мусаввири хубед, балки кадбонуи чирадасте ҳам будаед.

Ҷуна оҳи сард кашид:

– Дар хонаи кӯдакон мекӯшидем, ҳар он чизе, ки дар зиндагӣ барои инсон лозим шавад, ҳатман ёд бигирем. Тавре мегӯянд: ду гӯшу як сарем, модоме пушту паноҳе надорем, дар ҳалли мушкилот бояд худ мададгори хеш бошем.

Ба Худо, ки тарҳи рӯяш, овозаш маро маҷбур месозад, ки боз бияндешам: «Ҷуна, Ҷуна ту кистӣ? Ин нафаси кандакандаро танҳо ба он хотир мекашам, то бидонам, ки ту кистӣ? Ту бояд авлоди падариям бошӣ. Инро ҳарфат, чеҳрат, шину хезат мегӯяд».

– Устод, ғайри карамшӯрбо боз кадом таомҳоро меписандед?

– Ҳар таоме, ки болаззат бошад.

– Ба хӯрокҳои аврупоӣ майл доред?

– Аслан парвардаи таомҳои аврупоиам. Дар 16-солагӣ аз Бадахшон баромадаам ва имрӯз 50-солаам.

– Муқобил набошед минбаъд хӯрокҳои аврупоӣ мепазам.

Дилам сахт бар ҳолаш месӯзад, аммо дар ин шаби торики хаёлҳо ситораи нурбореро барояш аз само оварда наметавонам, то ҷодаашро рӯшанӣ бубахшад. Бо вуҷуди ин байни мо наздикие ҳаст. Чизе, ки дар васли инсонҳо аз ишқу муҳаббат пуриқтидортару гармтар аст. Дар саҳнаи коғазҳои мусаввирӣ на, дар саҳнаи ҳастӣ имдодгар ва пушту паноҳи туям, Ҷуна. Бовар дорам, ҳар куҷое тавлид ёфта бошӣ, биггзор ҳафт пушт гузашта бошад хам, бо банда қаробати хешу

таборӣ дорӣ. Вале дардо, ки ҳарду миёни гиреҳҳо тоб мехӯрем, роҳи кушоишро намеёбем... Аз лаззати шӯрбое, ки Ҷуна пухта буд ангушт лесидам. Худоё, чунин ғизоро танҳо аз дасти Ҷамила мехӯрдам. Ӯ чун дигар занони хуҷандӣ кадбонуи комил буд. Мурғи хаёлам якбора сӯи Ҷамила парвоз кард. Ва ин бори нахуст нест. Аз рӯзе, ки Ҷуна дар хона-гараж пайдо шуд, Ҷамилаякам зуд-зуд пеши назарам падид меояд. Қаду басташ ҳам ба Ҷамилаякам шабоҳат дорад. Худоё, дар ҳақиқат савдоӣ шудам. Ҷунаро гоҳ ба аммаҳояму гоҳ ба Ҷамила монанд мекунам, шояд аломати озори майнаи сар бошад. Бисёр иттифоқ меафтад, ки занон дар хӯрокпазию хӯроккашӣ ва балки роҳгардӣ ба ҳам шабоҳат доранд.

– Андешаманд менамоед, устод, – садои нарми Ҷуна маро ба худ овард.

– Ҳастӣ бо андеша дар нумӯъ аст, агар ҳазрати андеша ба бемории саратон гирифтор мешуд, тобути ҳастӣ кайҳо хоку туроб мегашт.

– Устод, ҳастӣ бо кулли заҳматҳояш ширин аст.

– Бале, Ҷуна.

Бо муқовиматҳои ботиниву такрори заҳматҳо баҳору тирамоҳи он сол поён ёфт. Хона-гаражро қадре ба зимистон омода гардонидам. Сӯрохиҳои бомро бо латтапораҳои кӯҳна маҳкам кардам. Бухориро мудири хоҷагии идораи дорупошак баҳорон бурда буд, гуфт, ки моли бегона аст, ба соҳибаш лозим шудааст. Мирзои ронанда ҳам қадре ҳезум оварду ҳам бухорӣ. Насрингул як кӯрп овард. Маблағе пайдо карда, либосу пойафзоли зимистонаамро тармим намудам. Як халта картошка, пиёзу сабзию биринҷ, 10-12 кило равғани пахта захира кардам ва боз баъзе чизҳои дигари заруриро низ омода гардонидам. Ҳаво рӯз ба рӯз тиратар шуда, нахустин барф ҳам омад. Одамон либосҳои зимистона ба бар карданд. Ду зимистонро ҳамин ҷо паси сар карда донистам, ки фасли дайаш аз Бадахшон тофовуте надорад. Сардии тоқатфарсо: барф, шамол, гумон мекунӣ, дар домани

кӯҳи Шоҳитирандоз зиндагӣ дорӣ.

Дар хона-гараж пайдо шудани Ҷуна бароям муаммои сарпечидаеро пеш овард.

Ба хулосае омадам, ки Ҷуна дигар дар гараж пайдо нашавад. Дунёи танҳоӣ даҳшатнок аст, аммо дар он рӯзҳо дил маҳз хаминро мехост. Мехостам, ки Ҷуна маро ба дасти шамоли қисматам ҳавола намояд. Бигзор ман бошаму гаражу мусаввараҳоям. Бо мусаввараҳоям ҳарф занам, рози дил гӯям.

– Ҷуна, ният дорам, ба сафар бароям. Сафар на кам аз се моҳ идома меёбад. Ин ҷо танҳо кор карда наметавонед. Имрӯзҳо дарёфти рангҳои мусаввирӣ осон нест. Агар ин ҷойҳо ранг пайдо карда натавонам, маҷбурам тарафҳои Русия равам. Барои фирорӣ чӣ фарқ дорад, ки дар Русия бизияд, ё дар Қирғизистон, Латвияву Ангола.

Садои уфтода шикастани коса ба гӯшам расид. Луқмаи даҳонамро базӯр фурӯ бурдам. Аз он наранҷидам, ки косаи чинӣ шикаст, аз он хатар бурдам, ки косаи дили Ҷуна тика-тика шуд.

– Дар паноҳи Худо бошед, устод. Мабодо дар Русия коратон барор нагирад, роҳи мамолики ғарбро пеш бигиред. Вале майли ман дигар аст: сӯи кӯҳистонҳо, ағбаҳои касногузар, тармаҳо, селҳо. Роҳҳои пурпечутоби кӯҳӣ, ҷангалистонҳо

Ин диёрро боре надидаам, аммо тибқи китобҳое, ки мутолиа намудаам медонам, онро Худованд маҳз ба хотири тавлиди асарҳои мусаввирон офаридаст.

Аз шунидани суханони ӯ хешро дар олами дигаре дидам. Он диёре ки Ҷуна мегӯяд, шояд Бадахшон бошад.

Наход, Ҷуна бадахшӣ бошад?

Мо ду тан дар рӯ ба рӯи ҳам қарор дорем, Гӯё ҳамин лаҳзаҳо нафари наздикамон аз дунё гузаштаву дар сӯгвории ӯ истодаем. Коргоҳам зиндони хомӯшро мемонад. Ҷуна бе хайру хуш, халтаи сафариашро бардошта, сӯям ҳатто нимнигоҳе ҳам накарда, дарро сахт ба рӯям пӯшиду баро-

мада рафт. Дар ин лаҳзаҳо ба пиндорам кулли зебоиҳо бо ман алвидоъ гуфтуаанду бароям чунин намуд, ки он пора офтобе, ки аз дарича ҳар гоҳ ворид мешуд, пас аз рафтани Ҷуна манзиламро тарк гуфт. Вале боз хешро дилбардорӣ кардам, ки акнун оромона кор мекунам. Баъди аз гараж бурун шудани Ҷуна дастам дигар ба кор нарафт, зеро дар лаҳзаҳои видоъ дар дидаҳояш қатраҳои сиришкро дидам. Дар пиндорам дил бигирист, ҷон бигирист, чашм гирист, ҳастӣ бигирист, мусаввараҳо бигиристанд ва балки хона-гараж сиришк рехт. Ва гӯё акнун дар танҳоию ваҳшатҳои сармои дай мемирам. Дар пиндорам Ҷуна дар як мулки ғубористони муаммоҳо аз назарҳо нопадид гашт. Асаб хароб шуд, пайкар ба чӯби қоқе шабоҳат дорад, дили бечораам базӯр метапад. Кам мондааст, ки дарди васваса бандаро сӯи бистари марг бикашад. Субҳам ба шом мубаддал гардидаасту шомам ториктару даҳшатноктар шудааст. Бас аст бори заҳматро кашидан, ба сомони ин кор дигар нерӯе ҳам надорам, зеро риштаҳои муаммои Ҷуна рӯз аз рӯз пурпечутобтар мегардиданд.

Бегоҳӣ Насрингул омада, дегу табақу косаҳои ношустаро дида гуфт:

– Ҷуна хӯрок напухт?

– Рафт, даври аввали таҷрибаомӯзиаш поён ёфт.

Насрингул аз ин хабар хушҳол будану набуданашро зоҳир накард. Корҳояшро сомон дода, шояд боз биёяд, гуфтам. Ин гап ба Насрингул маъқул наафтод, чеҳрааш гирифт ва лаҳзае пас зӯр ба зӯракӣ табассум кард.

Бегоҳӣ барвақт хоб рафтам. Қиблагоҳамро хоб дидам. Дар Душанбе дар хонаам саргарми китобхонӣ будам, ки аз дар даромаду бо заҳрханда гуфт:

– Худоё, хуки ёбоӣ ҳам китобхон шудааст. Аҷоиб корҳо мешудааст дар дунё. Асилзодагон оламро тарк гуфтанду хуку хар ба китоб часпид. Туфу бар ту ай чархи малъун туфу…

Аз ҷоям хеста ду даст сари сина гузоштам: «Ассалому

алайкум қиблагоҳам, бузургворам». Салом бечавоб монд. Аз ин дида чизи дигаре маро сахт ба ҳайрат овард; ин хобҳо ба бедорӣ шабоҳат доштанд. Медонистам, ки қиблагоҳам дар саҳни ҳастӣ нестанд, ҳатто вақте падидор мегашт, медонистам, ки ин рӯҳи поки ӯст, аммо аз кадом сабаб дар он лаҳзаҳо азобҳои беше мекашидам, хеле дер бедор мешудам, ин дафъа низ инчунин. Қиблагоҳам дар рӯ ба рӯям истодаанд:

– Ку, Гулбибии аммаат?

– Қиблагоҳам, аммаам Гулбибӣ панҷ сол қабл дунёро падруд гуфтаанд.

– Аз хона бурун шудаму гумон кардӣ, ки сарҳуй ба корҳои дилхоҳат ҳуқуқ дорӣ. Дар пиндорат кулли узви авлодат аз ҷумла, Гулбибии аммаат фавтидаву ту нахли ҷовиди рӯи заминӣ. Гумон дорӣ, ки акнун ҳамаи мо дар хобем, на чизеро мебинему на мешунавем, хоку туроб шудаем. Ба маъние ончунон маҳв шудаем, ки дигар ному нишоне аз мо боқӣ намондааст. Гумшудаҳоем, ки дигар ба ёди нафаре намеоем. Аблаҳи гузаро, ту ҳаминро ҳам намедонӣ, ки марг нишони нобудшавии инсонро надорад. Марг қадре ивази манзил аст. Инсон дуртар рафта, сӯи диёраш, мардумаш, авлодаш, хонааш менигарад, ки чӣ ҳодисоте рух медиҳад. Наход надонистӣ, ки бо тахтасанги гӯр пайкарам – устухонҳоро пӯшондӣ, на рӯҳамро. Борҳо таъкидат карда будам, ки такя бар хирад кун. Охир хӯи сагиро ҳам ҳадду ҳудудест. Медонӣ, ки оламро бар асари дарди дил падруд гуфтам ва он лаҳза боз фаро расид, имрӯз дилам боз он ҳолате дорад, ки замоне маро ба гӯристон мебурд. Пайваста месӯзад. Изтироби зиёд дорад. Умедам аз ту ин набуд. Охир огоҳат карда будам. Наход ба маънии кинояҳоям сарфаҳм нарафтӣ. Наздиктар омада, бо хашму ғазаби даҳшатноке боз гуфт:

– Гуроз, дӯзахро дар қаъри хок не, дар рӯи замин мебинӣ.

Назди қиблагоҳам рост меистодам. Дигар мадори ҳарф задан надоштам. Толеам баландӣ карду ин дафъа асояшро

бар сарам набардошт. Дарро сахт ба рӯям пӯшиду баромада рафт.

Худоё, чаро ҷонамро намеситонӣ? Чӣ ҷурмамро дидӣ, ки маро шиканҷа медиҳӣ. Магар сарсониҳоям кам буданд, ки рӯҳи поки қиблагоҳам носуда шудааст. Хуни ҷигар шудам.

Мусаввараҳо сӯям менигаранд. Агар нерӯи ҷонофарине медоштам ишонро ҷон мебахшидам, то аз ҳақиқати ҳол огоҳ шавам. Дар пиндорам ҳамаи онҳо чизе гуфтан мехоҳанд, аммо дареғо, безабонанд, лоланд. Омодаанд, ки дар ин сонияҳо ба оғӯшам бикашанду фарёд зананд. Ана дар кунҷаки коргаҳ мусаввварае истодааст, ки ду сол қалб ба итмом расонида будам. Сурати модарам аст. Аксашро байни ҳуҷҷатҳоям ёфта будам. Ҳар қадар ҳунаре доштам дар офаридани он сарф кардам, зеро дар ин мулки бегона, дар гаронтарин лаҳзаҳои ҳаётам ягона мӯнисам ӯ буд. Як чизро мушоҳида кардам. Чун дар гараж ҷунбуҷӯл доштаму ба кадом кунҷи он гом мемондам, дар пиндорам момам ҷонибам менигарист. Ва дар ҳақиқат ҳам чунин буд. Асло нигоҳашро аз банда намеканд. Шояд ҳар қадамамро месанҷид, ки мабодо боз чун ду сол қалб ноҷо набошад. Момам, табиатан чеҳрахандон буд, чеҳрахандонтараш ба қалам додам. Аз ин лиҳоз сӯям ҳамеша бо чеҳраи хандону нуронӣ менигарист. Ва ҳоло сӯи ин мусаввара менигарам, гумон дорам, ки момам боз ба табассум сӯям менигарад. Ҳайҳот. Ба чашмонам бовар накардам, наздиктар рафтам. Мусаввара заррае ба момам шабоҳат надошт. Дар пеши чашмонам мусавварраи дигаре падидор гашт; хашмолуд, гуё ҳамин ҳоло мехоҳад, чашмонамро аз косахонаи сар канда гирад, синаамро чок карда, диламро аз он бурун оварда, рӯи каф гузошта, гӯяд:

– Шабҳо нахуфтам, сари гаҳвораат нишастаам, шират додам. Ба оғӯшат мекашидам, ки он ҳамеша гарму нарм бошад.

Назди мусаввара дузону афтода гуфтам:

– Ай мом, ба мани ҷоҳилу нодон бигӯ, чаро ҳам рӯҳи поки қиблагоҳам носуда шудаву ҳам шумо аз ман рӯй гардо-

нидед.

Момам ҳарфе намезанад, гӯё бегонаи ноошност. Мом, ай мом, ку меҳрат, ки маро ҷон бахшад, ку насими боғистонҳоят, ки маро дар ин лаҳзаҳои гарони ҳастӣ бинавозад, ку дору то умри дубораам бахшад. Модар ба тифлаш болу пар мебахшад, то вай парвозӣ шавад. Мом, ай мом, ку ҳамаи ин?

Хеле хаста шудам. Ба такрор гиристам. Селоб аз дидаам ҷорӣ шуд. Дилам суст гашт, ба таксарӣ такя кардам, хобам бурдааст.

Ақрабаки соат 12-и шабро нишон медод. Дар маҳаллаи мо ҳанӯз чароғ набуд. Дар хонаҳои сокинони маҳаллаҳои дигар чароғҳо оҳиста-оҳиста мемурданд, тавре мегӯянд шаҳр ба хоб мерафт. Кӯшиш кардам то субҳидам бедор бошам. Ба сармои қаҳратун нигоҳ накарда, намехостам, вориди хона-гараж шавам. Ҳарчанд тоқат кардам, нашуд. Оқибат ба коргоҳ даромадам. Рӯи фарши хона рост истодам, мабодо рӯи кат нишинаму хобам бубарад. Чароғҳо даргирифтанд, дилам қадре рӯшан шуд, торикиҳои даҳшатнок гӯё ба якборагӣ нопадид гаштанд, аммо аждаҳои хоб ба ҳолам намегузошт, ки нафаси озод бикашам. Чӣ бояд кард? Ба коре бояд машғул шуда, то субҳидам бедор бошам, аммо дилам сӯи килк намекашид, зеро эҷод маҳсули андеша аст дар ин лаҳзаҳо бошад чизе ба хаёлам намеомад. Ончунон парешонхотир будам, ки ҷои нишаст намеёфтам. Сӯи килк менигарам он бароям ғарибу ношинос буд, на ӯ маро мешинохту на ман ӯро.

Ақрабаки соат аллакай 3-ро нишон медод. Диламро гӯё дасти пуриқтидоре сахт мефишурд. Боз қадре тоқат, то субҳ андак мондааст. Не, чашмонам пӯшида мешуданд. Нигоҳам ба намакдон афтод, чанд дона намак рӯи захми ангушт пошидам. Аз сӯзиш печутоб хӯрдам, гӯё бо корд дастамро бурида партофтанд, аммо хоб сӯзиши ҷонкоҳамро мағлуб гардонд. Чашмонам боз пӯшида шуданду қиблагоҳам бо табассум ҳувайдо гардид:

– Хуки ёбой, Гулбибии аммаат омад?

Аз ҷоям парида бархестам, ангушти дасти чапам, ки захм дошт, ба пояи миз бархӯрд ва сӯзиши ҷонкоҳ оғоз ёфт. Хона-гараж тақрибан 300-400 метр аз соҳили рӯдхонаи пуртӯғёне дуртар воқеъ буд. Дил мехост, ки ҳамин ҳозир аз ҷо бархезаму раваму хешро ба қаъри рӯдхона андозам, то амвоҷи пуртӯғён маро ба комаш фурӯ бикашаду бо кулли заҳматҳои бар сарам омада падруд гӯям. Дил мехоҳад, ки ҷои дуре гурезам. Ба мавзее биравам, ки гоми фарзанди ҳазрати Одамро надидааст, вале дар сарам боз андешаи дигаре чарх мезанад. Не, то даме рӯҳи поки қиблагоҳам осуда нашавад, ҷое намеравам, бигзор заҳмат бикашаму сӯхта ба хокистар табдил ёбам. Биандешидам ҳар чи ҳаст, дар Ҷуна аст, вале чист? Чӣ розест? Маро ба дарди дил, дарди ҷон, дарди сар гирифтор кардааст. Дар зиндагонӣ чандон хом набудам. Пас чаро қиблагоҳам ин қадар ба хомӣ муттаҳамам мекунад. Оё барои ин ҳукм далеле ҳаст? Намедонам, ба Худо, ки намедонам.

Ҷуна, Ҷуна, наход ин ҳама бо ӯ алоқаманд бошад. Дилам ба ин гувоҳӣ медиҳад. Аз рӯзи аввали ба ин даргоҳ омаданаш инро пай бурдам. Садояш, муносибаташ инро мегуфт. Ба ин нигоҳ накарда, аз ӯ дил кандан наметавонам, ӯ гӯё чун хати тақдир дар пешонаам нақш бастааст. Чун савдоӣ ҳамеша дар андешаи онам, ки ӯ пораи авлодам аст, аз ин лиҳоз ҳамеша мегӯям: Ҷуна, Ҷуна, олиҳаи ақлу хирад, ҷонбахши мусаввараҳо! Ту чӣ мурод дорӣ, бароям торик аст. Бинигар, маро ба чи ҳоле бирасонидӣ, дил шикаста, бахту тахт шикаста, дасту по шикаста.

Бисёр мехоҳам, ки номат на Ҷуна, балки Ҷумла бошад. Ҷумла номи фарзанди калониам аст, ки имрӯзҳо куҷо буданашро намедонам. Агар тансиҳат бошад, 26-ро пур мекунад. 26-сол аст, ки на ман фарзандамро дидааму на ӯ маро. Ин ҳама солҳо барои ӯ ҷигарам месӯзад. Имрӯз кош дар паҳлӯям мебудӣ ва ман аз дасти Ҷумла мегирифтаму дар ин шаҳри бегона сайругашт карда, ба мардум мегуфтам:

– Бубинед, ин духтари ман тоҷики фирории мусаввир, номаш Ҷумла. Ӯ ба мисли лаълу ёқути Бадахшон аст. Ӯ гумшудаест, ки акнун пайдош кардам. Ӯ ориёндухти асил аст.

Дар олами андешаҳо фурӯ меравам. Шаҳри Душанбе пеши назарам падид меояд. Дар омӯзишгоҳи рассомӣ таҳсил мекардам, дар паҳлӯи мо омӯзишгоҳи тибб воқеъ буд. Хобгоҳи донишомӯзон низ дар ҳавлии омӯзишгоҳ қарор дошт. Духтараки хеле зебое дар ин омӯзишгоҳ таҳсил дошт. Ҷамилааш мегуфтанд. Банда, ки дар Донишгоҳи политехникӣ маҳбубаи қашанге доштам, ба дигар духтарон, аз ҷумла ба Ҷамила эътибор намедодам. Боре гурӯҳи ҷавонони ҳамсинну сол дар чойхонаи омӯзишгоҳ чой менӯшидем, ки Ҷамила аз наздамон гузашт.

– Аҷоиб духтарак аст Ҷамила, – гуфт ҳамсабақам Сулаймон, дар ду соли таҳсил ҳанӯз надидем, ки қадами беҷое бимонад. Роҳаш аз хобгоҳ ба синфхонаву аз синфхона ба хобгоҳ. Шабу рӯз китоб мехонад, гӯё на дар омӯзишгоҳ таҳсил дорад, балки донишҷӯи академияи фалсафа аст. Нафарони дигар низ аз сифатҳои неки инсониву соҳибфарҳангиаш ҳарф заданд. Гуфтанд, ки чанд тан ҷавон чун соя аз думболаш буданд, аммо тирашон хок хӯрд, моҳичаро ба шаст овардан натавонистанд. Ва тасаввур бикунед, кӣ намехоҳад бо чунин инсон ҳамнишин бошад? Ин орзуро дар дил парваридам, аммо назди касе забон накушодам. Ман, ки ба омӯзишгоҳи рассомӣ баъди адои хизмати ҳарбӣ омада будам, дар ин кор нисбати онҳое, ки аз мактаби миёна рост ба донишгоҳ омадаанд, таҷрибаву ҷуръати бештар доштам.

Боре дар дасти Ҷамила китобчаи Ҳемэнгуэй «Пирамард ва баҳр»-ро дидам. Ин китобро борҳо мутолиа карда бошам ҳам, ба хотири ошноӣ аз Ҷамила хоҳиш намудам, то онро ба ман диҳад, мехонаму баъди 2-рӯз меорам. Ҷамила медонист, ки дар омӯзишгоҳи рассомӣ мехонам. Хеле боэҳтиёт бо ӯ муносибат мекардам. Аз ишқу ошиқӣ ҳарфе набуд. Аз

асарҳои мухталифу театр, нафарони бузурги илму фарҳанг сӯҳбат мекардем. Намедонам, кадом хислатам ба ӯ маъқул афтод, ки ҳафтае ду-се маротиба во мехӯрдем ва бо ҳамин бо ҳамдигар унс гирифтем. Ман дар хонаи иҷора мезистам. Ҷамила меомад рӯбучин мекард, таом мепухту мерафт. Бо додараш Тоҳирҷон дӯстӣ доштем. Волидайни онҳо дар Хуҷанд буданд. Қиссаи ошноии мо то ба хонаи онҳо расид. Сабоҳатхолаи модаркалонаш эътироз карда гуфтааст:

– Ба Ҷамила расонед, ки ба Хуҷанд барнагардад. Бароям Ҷамила дигар вуҷуд надорад.

Инро аз Ҷамила шунидам. Чӣ кор мекунем? Дар Душанбе ҳам наистода рост ба Бадахшон меравем. Чунин буд қарори кӯтоҳи мо.

«...Ҷамилаи оқилаам. Сафдарро надидаем, аммо бояд инсони хуб бошад. Модаркалонат ҳарфи моро намегирад, ба гапаш истодааст. Беҳтараш бо Сафдар маслиҳат бикунеду сар ба як болишт биниҳед. Ҳарфи модаркалонатро гардонида наметавонем. Ин ягона воситаи ба мурод расидани Шумо аст. Дар бораи нақшаҳои дигар баъдтар менависем». Мактубро модари Ҷамила навиштаанд.

Хуллас кулли корҳоямон тибқи ҳарфҳои нома сурат гирифтанд. Беш аз ду моҳ мавҷи меҳру лутф туғён дошт. Ҷабини офтоб кушодатару хандонтар ба чашм мерасид. Чун дилдодагони филмҳои ҳиндӣ бо навоҳои ҳамдигарӣ биёмехтем. Ҳарфу шеваву гом ҳама меҳрбор буд. Аз сӯҳбати хамдигар сер намешудем. Дар пиндорамон зери самои нилуфом аз мо дида ҷуфти хушбахттаре набуд. Ҳар гоме, ки рӯи замин мемондем, гул мебаст. Ана дар ҳамин айёми сол Ҷамила бемори устохон шуд. Ӯро назди Карамшоҳи духтури хешам бурдам, ташхиси лабораторӣ гузаронид. Гуфт, ки баъди ду ҳафта биё, натиҷа маълум мешавад.

– Чаро ин қадар дер?

– Хунашро ба хотири ташхис ба Тошканд мефиристонем.

Дар рӯзи муқарраршуда наздаш рафтам. Ӯ, ки дар бораи ману Ҷамила ҳама чизро медонист, малӯл буд. Мехост

ҳарфе ба ман бигӯяд, аммо чизе гулӯгираш кард.

– Ҷамила, – гуфту хомӯш шуд. Дуру дароз ба рӯям нигарист, коғази дар дасташ бударо бозӣ медоронду ҳарфе намезад. Ин ҳолат шишаи диламро ба якборагӣ шикаст.

– Ҷамила гирифтори саратони устухон аст.

– Ҳамдами ягонаям Ҷамилаякам!

Ин овози банда буд, ки дар утоқи духтур садо дод.

Карамшоҳ ба дилбардории банда оғоз кард. Саратонро имрӯз табобат мекунанд, бар замми ин маризаш нав аст, ӯро фавран ба бемористон биёред. Суханони Карамшоҳ ба гӯшам надаромаданд, онҳо пайванд кардани шишапораҳо, омезиши обу равған, гул бастани шохаи хушки нахле, овозхонии сахрае, истодани гардиши чархи гардун, биниши чашми кӯрро ба хотир меоварданд, зеро чи нерӯи сиёҳ доштани наҳанги хуношоми саратонро медонистам. Мо донишҷуёни он солҳо бисёр мехондем. Ҳар субҳ 7-8 номгӯи рӯзномаҳои Душанбею Маскавро аз дӯкон мехаридем. Ба 4-5 номгӯи маҷалла обуна будем, аз ҷумла, ҳар шумораи маҷаллаи «Здоровье»-ро мегирифтаму сар то по мехондам. Аз ин лиҳоз суханони духтури хешамро: «саратон имрӯз табобатшаванда аст» шамолаки дайдуе бурд. Ӯ чизе мегуфт, лабонаш меҷунбиданд, аммо ҳарфашро дигар намешунидам. Ва Ҷамилаякамро ба бемористон бурдам. Духтурон дардашро боди устухоншикан гуфтанд, аммо вай табассум мекарду ҳарфе намезад, намехост, ки вуҷудамро галаи гургон тороҷ намоянд. Кай медонист, ки банда аз дардаш кайҳо огоҳаму дарун-дарун месӯзам. Баъди як ҳафта модаркалони Ҷамила Сабоҳатхола – кампири азимҷуссаи босалобате вориди Душанбе гардид.

Мегӯянд, ки шикаст андар шикаст ояд. Он рӯз, ки Ҷамиларо дар бемористон ҷой додем, хоҳари калониаш Мадина ба хонаи падараш ба меҳмонӣ меояд ва бегоҳӣ қиблагоҳаш дар мошини сабукрав ӯро ба хонаи худаш бурданӣ мешавад. Модари Ҷамила, холаи Сатрина низ ҳамроҳи онҳо буданд. Дар роҳ дар рӯ ба рӯяшон мошинаи

вазнинборе, ки дар паси фармонаш нафари масте нишаста будааст, меояд ва боиси рух додани садамаи роҳ мегардад. Ҳамаи онҳо бо ҷароҳатҳои мухталиф дар бемористон бистарӣ мешаванд. Ин буд, ки Сабоҳатхолаи модаркалони Ҷамила танҳо роҳи Душанберо пеш гирифтаанд. Холаи Сабоҳат дар назди кати Ҷамила менишастанд. Дар сари роҳам ба палатаи ӯ садди азиме пайдо шуд. Аз Азалбегими хешдухтарам, ки донишҷӯи омузишгоҳи тибб буд, хоҳиш кардам, ки ҳар рӯз дар ҳуҷраи иҷораам ғизо тайёр бикунаду ба Ҷамилаву холаи Сабоҳат бубарад. Ва Азалбегим ҳамин тавр ҳам кард. Хешро ба холаи Сабоҳат чун ҳамсабақи Ҷамила шиносонид. Ҳар субҳ хӯрок мебурду маро аз аҳволи Ҷамила хабардор мекард. Ман бошам шабу рӯз дар назди нахле, ки дар рӯбарӯи тирезаи Ҷамила қарор дошт, меистодам. Ӯ вақти омаданамро медонист ва пардаи тирезаро тарафи рост мекашиду сарашро қадре боло мебардошт. Ва мо бо нигоҳҳо «сӯҳбат» мекардем. Ҳарфи ҳамдигарро хеле хуб «мешунидем». Намедонам кадом мавҷи асроромезе буд, ки дар масофаи 100-150 метр овози Ҷамиларо ба ман меоварду овозамро ба ӯ мерасонд. Ва рӯи охирин ҷумлаи сӯҳбатамон бо сиришки дидаҳояш нуқтае гузошта мешуд. Вале холаи Сабоҳат, ки мудом дар паҳлӯяш буд, асло пай намебурд, ки наберааш бо шавҳараш сӯҳбат дорад. Шояд гумон мекард, ки Ҷамила ба табиати зебо менигараду дилтанг мешаваду мегиряд. Аз дур ҳатто паридани чашмонашро медидам. Ӯ намегуфт, сӯҳбати имрӯзаамон поён ёфт, рав, аз истодан хаста шудӣ, не, ин ҳарфро ба забон намеовард. Аз нигоҳҳояш мефаҳмидам, ки вақти хайрухуш фаро расид.

Зиндагонӣ зеботарин тамошогоҳест, аммо бе Ҷамила магар чашмонам майли дидани чизҳои қашангеро доранд. Агар дошта бошанд, пас онҳо чашмони Сафдари мусаввир нестанд. Кӯр бод дидае, ки баъди Ҷамила майли тамошои гулу гулшан дошта бошад. Тира бод субҳе, ки баъди Ҷамила вориди боғи ҳастиям бишавад. Ба ҳар ки менигарам гӯё ба банда мегӯянд: Ай аблаҳ, Ҷамилаатро гум кардӣ, ҳастиатро,

буду нобудатро гум кардӣ.

Бале Ҷамилаякам аз ман меравад, инро мегӯяму суханонаш ба хотирам меоянд. Дар рӯзҳои нахустини зиндагониамон боре аз ман пурсид:

– Сафдар, шояд замоне мерасад, ки маро партофта ба зодгоҳат рафта хонадор мешавӣ. Дурӯғ нагӯй, рост ба чашмонам бинигару посухро танҳо бо лисони қалб бигӯ.

– Бале, мепартоям, аммо ҳамон лаҳзае, ки на ба зодгоҳам равонам, балки ҷисмамро сӯи гӯристон бубаранд.

– Яъне, хато накардам.

Ин буд ҳарфи мо ва балки қасами вафо. Моро танҳо ҳамин роҳ аз ҳамдигар ҷудо мекард.

Тоҳирҷон баъди ду рӯзи ба Душанбе омадани Сабоҳатхола ба Хуҷанд рафту зуд баргашт. Гуфт, ки ҷароҳати волидайну хоҳари калонаш он қадар вазнин нест. Аз ин хабар хеле хурсанд шудам. Шабу рӯз аз ҳоли Ҷамила бохабар мешудам.

Ҷамилаи оқила медонист, ки аз чанголи бераҳми ин мариз касе раҳо наёфтааст. Як субҳ ӯро бо чеҳраи хандон рӯи кати бемористон дидам, бо иштиҳо нону қаймоқ мехӯрд. Маро дида бо табассум иброз дошт:

– Гумон накунед, ки сиҳат мешавам. Риштаи умрам танҳо ба хотири ба дунё омадани кӯдак ҳанӯз канда намешавад, ана ҳамин нерӯ бандаро рӯи замин нигоҳ доштааст.

Профессор Кимиё Иброҳимӣ Ҷамиларо муоина намуд:

– Вазъи кӯдак хуб аст, баъди чаҳор моҳ назди мо биёед. Ҷамила аз суханони профессор хеле хурсанд шуд, боғи чеҳрааш гул баст.

Ҷамила ишора кард, ки ба ӯ наздиктар бинишинам. Дар чеҳрааш табассум ҳувайдо гашт:

– Сафдар, кӣ медонад, баъди тавлиди кӯдак зинда мемонам ё на. Хоҳише дорам. Агар духтар тавлид шавад, номаш Ҷумла, писар бошад номи дилхоҳатонро бимонед. Ҷумла номи дугонаам буд, ақлу дониши расое дошт, мо ҳамсинфонаш дар хониш ба ӯ баробар намешудем. Вай аслан бадахшонӣ буд. Ба

мактаби мо дар синфи 5 омада буд. Қиблагоҳаш дар фурудгоҳи Хуҷанд кор мекард. Ба Хуҷанд аз Душанбе омад. Дар ин ҷо забони инглисиро назди муаллими хусусӣ омӯхтааст. Дар синфи 8 бо муаллимаи инглисӣ озодона ҳарф мезад. Аммо ҳайҳот! Дар синфи 9-ум ба маризи саратони лаб гирифтор шуда, пас аз шаш моҳ ҷояш дар синфхона холӣ монд. Вақте Ҷумла фавтид мо духтарон бо ҳам қавл додем:

– Ҳар ки пештар ба шавҳар барояду соҳиби духтар шавад, номашро Ҷумла монад. Қариб буд, ки фаромӯш бикунам. Боз хоҳише дорам. Аз он ки нахли умрам дар айни баҳорони ҳастӣ хазон шуд, афсӯс махӯред. Дар рӯзи маргам ашк марезед. Ман ноком нестам, дар умри кӯтоҳ ҳар чи дилам хост, дидам. Росташро гӯям, дар назди чойхона ҳамроҳи дӯстонат борҳо нигоҳҳоямон бо ҳам бармехӯрданд, писандам будӣ. Дилам гувоҳӣ медод, ки рӯзе шинос мешавем. Ва лаҳзаи шиносоиамон ҳам фаро расид. Бовар кунед, ки он рӯзи беҳтарини ҳаётам буд. Ягона орзуе, ки дар дил мепарваридам, ҷомаи амал пӯшид. Аз ин дунё беармон меравам. Ҳеҷ гап не, аз тақдир наменолам, зиндагонӣ ҳамин аст, фарқ байни ману дигарон он аст, ки банда қадре пештару онон аз думболам меоянд. Аз зиндагонӣ миннатдорам, ки моро бо ҳам қарин гардонд. Ҳазрати ишқ ба мо даст дод, роҳу расми ошноӣ дод. Чаҳор фасли сол бароям баҳорон буд. Фаслҳои хазону дайро намедидам…

Ёдам омад, боре Мадинаи хоҳараш бо дидаҳои варамида аз назди ӯ баромад.

– Чӣ шуд хоҳар?

– Ҷамила тамоми шаб гирист ва ҳоло ҳам...

– Чӣ тавр? – мутаҳҳайир шудам. Охир вай фақат механдиду шӯхӣ мекард.

– Хандаҳову шӯхиҳою табассумҳояш танҳо дар назди шумоянд. Вуҷудаш ғамхонаест, табассумҳояш ба он хотиранд, ки малӯл нашавед. Ҳамин ки шумо рафтед, оҳу фиғонаш ба осмони ҳафтум дакка мехӯрад. Ману модари бечораамро мегирёнад.

Шаб хоб дидам, болои дарахте баромадаам, ки дар он лонаи парастуи сафеде будааст. Парастуяки зебо чун маро дид, бол кушоду парвозӣ шуд ва аз дур овозам дод:

– Дар лона чӯҷаякам ҳаст, туро ба худованду ӯро ба ту супоридам.

– Куҷо равонаӣ?

– Ба канори олам, аз ин ҷо намоён нест. Ман рафтам, вале дар лонаяк диламро мондам, ин ки парвозист пайкари сарди соя аст.

– Баргард! – охир ман чӣ тавр чӯҷаро бонӣ мекунам? Вай бе ту нобуд мешавад.

– Метавонӣ, метавонӣ, метвонӣ...

– Ту бояд чӯҷаякро ба оғӯши гармат бигирӣ, то камол ёбад.

Бедор мешавам. Назди оне, ки таъбири хобро мегӯяд, нарафтам, зеро ҳамааш чун рӯз рӯшан буд. Табъам хира шуд, ақрабаки соати 2-и шабро нишон медод. Рӯи тирезаи ҳуҷраам сӯи боғи соҳибхона буд, кушодам, зеро нафасам тангӣ кард. Соати 4-и шаб роҳи беморхонаро пеш гирифтам. Ҳанӯз нақлиёте дар шаҳр наменамуд, пиёда мерафтам. Нафаре ба банда кордор нашуд. Ҳатто дуздону роҳзанон, ки одатан дар паси дарахтон, ё девор пинҳон шуда, ногаҳон ҳуҷум меоваранд, ҳоли парешону ранги паридаамро дида, аз ман дурӣ меҷустанд. Назди корхонаи газворбарорӣ 2 нафар роҳзан наздам омада, салом доданд, куҷо рафтанамро пурсиданд. Бе шарҳу эзоҳ посух додам, ки дар бемористон маризе дорам. Нафари калонсолтар ба ҷавонтараш чизе гуфт. Вай дарҳол тарафи анбӯҳи дарахтон рафт. Пас аз сонияе мошинааш наздам қарор гирифт.

– Савор шавед, – гуфт калонсолтараш, ташаккур гуфтам.

Дарбон бе чуну чаро бандаро ба беморхона роҳ дод, зеро аз ҳолам воқиф буд. Тирезаи палатаи Ҷамила тарафи ҳавлӣ буд ва аз дарвоза даромадан замон дидам, ки чароғ фурӯзон аст. Дарро кушодам, вай китоб мехонд. Ҷамила маро дид, гирди лабонаш табассуми ширине нишаст:

– Рӯзи дуюми аз Хуҷанд ба Душанбе омадан

Сабоҳатхола аз ман суол карданд. Хушдоратон наменамояд?

– Бибӣ, ба гапҳои кӯчагӣ бовар накунед, танҳо ба оне мерасам, ки ба шумо маъқул бошад, – гуфтам. Хурсанд шуданд.

Вақте Ҷамила ин суханонро мегуфт, ба хотирам сафари тобистони як сол қалб ба Бадахшон карда омад. Дар деҳа саргузашти хонадоршавиамон ба гӯши тифлакон низ расида буд. Боре Мирзобеки таборамонро бо абрувони гирифта дучор омадам!

– Аз ҳамин деҳаи хурдакакамон аз он тараф, бо даст ҷониби кӯҳи пешорӯ ишора кард, аллакай панҷ ҷавон арӯс овард, шумо нафари шашумед. Наход аз гӯшаи хаёлатон боре ҳам нагузаштааст, ки духтаракони деҳ пирдухтар мемонанд. Ба шаҳрҳои калон рафта хонданатон бароямон ҳамин қадар суд овард. Духтарони диёри худамон аз онҳо ҳеҷ камӣ надоранд. Дар ин бора ҳеҷ андеша мекунед! Бобои Мирзобек ин суханонро мегуфт, лекин ба рӯям наменигарист. Ҳатто худоҳофизӣ накарда рафт. Чӣ тафовутест миёни бобои Мирзобеку холаи Сабоҳат? Ҳар ду дар тӯри маҳали худ печидаанду чизеро намебинанд.

Рузҳои дарднок паи ҳам гузаштанд, рӯзҳо не, хар сонияаш аз даҳсолҳо ҳам дарозтар менамуданд. Он шабҳое, ки холаи Сабоҳат ба хонаи хешовандонаш мерафт, то субҳидам дар назди кати Ҷамила менишастам. Ҷамилаякам пайваста таъкид мекард:

– Дар наздам наист, рав, дарсатро тайёр бикуну аз ҳамсабаққоят қафо намон. Дилам бошад сӯи омӯзишгоҳ намекашид.

Ҳоло дар чеҳраи ӯ ранги заъфаронӣ бештар ба назар мерасид, ба ин нигоҳ накарда, чун маро медид, зӯр ба зӯрӣ табассум мекард, то дардро фаромӯш намояд.

Рӯзе Мадина гуфт:

– Сафдар, Ҷамиларо бояд ҳамин ҳафта ба таваллудхона баред. Бигзор, чанд рӯз зери назорати духтурон бошад. Моҳу рӯзаш наздик аст.

Назди Ҷамила даромадам, маро дидан замон хост зӯр ба зӯрӣ табассум намояд, вале нашуд. Вай аз тавлиди кӯдаки нахустин сахт метарсид, бар замми ин маризӣ, беҳолӣ, камхунӣ. Вақте сӯяш нигаристам, тахмин кардам, ки чеҳрааш пурнуртару зеботар шудааст. Ӯро дар чунин симо бори нахуст медидам. Гӯё ҳам чашму ҳам нигоҳу ҳам чеҳрааш ба куҷое шитоб доштанд. Саросема буд, гоҳ китобро ба даст мегирифту гоҳ қаламу гоҳ чумча:

– Апаи Мадина палосҳои ҳуҷраи иҷораро имрӯз бишӯй.

– Сафдар, дар хотир дорӣ, ки аз универмаг бояд ҷевони либос мехаридем, ба бемористон уфтодаму инро фаромӯш кардӣ. Зуд ҷевонро харида ба хона бубар. Аз сардухтур справка гирифта, ба омӯзишгоҳи тиббӣ бурда бисупор. Ҷамила ба ману Мадина боз чандин супоришоти дигаре дод. Ҳам ман ва ҳам Мадина медонистем, ки ҳамаи ин шамолест аз боғи хазонзада ва балки ӯ ҳарф мезанаду чокҳои ҷигарам бештар меафзояд.

– Ҷамила, ин қадар саросемаед?

– Вақт нест, шумо парвои оламро надоред, дунё сӯзад ба чапу рост наменигаред.

Ҳарфи дигареро вирди забон накардам. Бале, барои ӯ вақт дар ҳақиқат кам аст, вай бояд кулли корҳояшро сомон диҳад.

– Бо духтури хешат маслиҳат кардӣ?

– Ҳоло меравам.

– Кадом корҳои супурдаамро иҷро кардӣ?

– Думболи сомон ҳамааш ҳастам.

– Тезтар, тезтар, тезтар ҷунб...

Ҷамиларо ба таваллудхона бурдем. Дар рӯзи сеюм ба хонадонам нафаре омаду нафари дигаре аз дунё реҳлат баст. Оне, ки реҳлат баст, миёнамро шикаст, ин Ҷамилаякам буд.

Вақте апаи Мадина бо сиришки шашқатор аз таваллудхона рӯи ҳавлӣ баромад, мегуфтӣ фалак аз оҳи дили ғамзада кӯру кар мегардад: базӯр худро рӯи харак гирифтам, ба пиндорам аждаҳое бо панҷаҳои хунин сӯям меояд. Не, аз ӯ дигар наметарсам, ҳар коре ки тавонисту хост кард.

– Хезед, Шумо мардед, ашк рехтан кори мардон нест. Ба Хуҷанд барқия фирист.

Ёдам нест, чи тавр барқия ирсол кардам, ки шаб кулли хешу таборони Ҷамила ба Душанбе омаданд.

Меҳмони нав духтар буд. Ҷамиларо ба Хуҷанд бурда, ба хок супурданд.

Пас аз ду ҳафта дар шӯъбаи эҳёи беморхонаи марказӣ қадре ба худ омадам. Овози Карамшоҳро шунида, дида кушодам, аммо ӯро намедидам, чашмонам аз нур тиҳӣ буданд.

– Чӣ ҳол доред?

– Худоро шукр, бигӯ чӣ ҳодиса рух доду дар куҷоям?

– Зери чархи мошин мондӣ.

– Кай?

– Вақти аз фурудгоҳ баргаштан.

– Тифл дар чӣ ҳол аст?

– Аз духтурони таваллудхона хоҳиш кардам, ки муваққатан ӯро дар он ҷо нигоҳ доранд. Аз ӯ парво накунед, ман аз ҳолаш хабар мегирам.

– Хоҳиш мекунам ба ӯ шаҳодатномаи таваллуд гиреду номашро Ҷумла ниҳед.

Карамшоҳ хандид:

– Аллакай ҳама ӯро Ҷумла ном мебаранд.

– Мадинаи холааш гуфтааст.

– Шояд.

Рӯзи дигар маро ба беморхонаи овозадори шаҳри Москва бурданд. Ин кор албатта бо мадади Карамшоҳ ҷараён гирифт. Пойҳо ва сутунмӯҳраамро чаҳор маротиба ҷарроҳӣ карданд. Ҳангоми ҷарроҳӣ ба мағзи сутунмӯҳра осебе расид ва дувуним сол пойҳоям фалаҷ буданд. Қариб ҳар шаб Ҷамиларо хоб медидам. Боре хоб дидам, ки Ҷамила аз дари ҳуҷраи иҷора даромада гуфт:

– Ку, кабкчӯҷа?

– Кабкчӯҷа дар хона, даруни қафас.

Бедор шуда сари таъбири хоб андеша мекунам. Ҷамила аз Ҷумла хавотир аст, аммо дили ман пур аст, ки Карамшоҳ ӯро

сарпарастӣ мекунад. Аз ҷоям ҷунбида наметвонистам, зеро баробари ҳарду пой дасти чапам ҳам фалаҷ шуда буд. Дасту диламро аз зиндагонӣ шуста будам, гумон доштам, ки бо ҳамин минвол оҳиста-оҳиста кулли узвҳоям фалаҷ шуда думболи Ҷамила меравам.

Пас аз ду ҳафта, дар бемористон овоза шуд, ки ба ин ҷо аз Чин духтурон омаданд. Тибқи шартномаи вазоратҳои тандурустии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Чин 1,5 сол дар ин ҷо беморонро табобат мекунанд.

Рӯзи ҳаштум пас аз пешин чанд тан вориди ҳуҷра шуданд. Се мард ба симои чиноӣ, нафаре симои туркӣ ва хонуми қашанги тахминан 30-35 сола симои иронӣ дошт: абрӯ, чашмон ва мӯи сараш сип-сиёҳ. Ва боз ду нафар ҷавоне ҳамроҳи онҳо буданд, ки ба духтур кам шабоҳат доштанд, аз афташ тарҷумонӣ мекарданд. Чанд тане аз духтурон ишонро ҳамроҳӣ мекарданд. Ман, ки мусаввир будаму илми симошиносиро омӯхтаам, ба кадом миллат шомил буданашонро тахмин кардам. Бовар доштам, ки хонум тоҷиканд. Садрашон марди тахминан 50-55 сола буд. Вақте ӯ сухан мекард, онҳо ҳарфе намезаданд. Пас аз муоинаи чанд тан аз маризон навбати банда расид. Садрашон таи даҳ дақиқа бо духтури ман сӯҳбат карда, ҳатто набзамро насанҷида, назди маризи дигаре гузашт.

Сиришк беихтиёр аз дидагонам равон шуд. Дар ҷарроҳиҳо ва баъди онҳо азобҳои зиёде кашидам, аммо боре ҳам аз дидагонам қатраи сиришке нарехт, ҳоло бошад онро нигоҳ дошта наметавонам. Духтурхонум магар инро мушоҳида кард, ки вақте садрашон маро сарфи назар карда гузашт, ба ӯ наздик омада оҳиста чизе гуфт. Онҳо аз боби кадом масъала баҳсе доштанд ва духтурхонум торихи бемориамро гирифта, наздам омад.

– Чӣ ҳол дорӣ додар?

Қатраҳои сиришки дидаамро тоза карда гуфтам:

– Дасту пойҳоям фалаҷ аст.

– Парво накун, худам туро табобат мекунам. Пас аз як

ҳафта табобат бо сӯзани тилло оғоз ёфт. Сунбул ном дошт ин хонуми қашанг. Дар рӯзи дуюми табобат таъкид кард, ки бидуни тиллосӯзан баъди ду-се рӯз боз чанд давои дигар ҳам мебиёранду иншооллоҳ дар муддати кӯтоҳ сиҳат мешавам.

Аз Ҷумла дараке набуд, танҳо ҳамин маълум буд, ки пас аз ба Маскав омаданам Карамшоҳ аз сактаи дил нобуд шудааст. Баъди фавти Ҷамила ин хабар сахттарин зарбае буд, бар ҷони нимбисмилам. Аз ин хусус ба Сунбул нақл кардам, чунки он рӯзҳо дар Маскав ғайри ӯ фарёдрас надоштам.

– Сафдар, – иброз дошт Сунбул, – дар ин бора камтар биандеш, ба саломатиат зиён дорад. Кӯшиш мекунам, ки дар пайдо кардани Ҷумла ба ту мадад бирасонам.

Тақрибан баъди 2 ҳафта Сунбул коғазе дар даст наздам омад. Ӯ лиффофаро кушода, варақеро аз он бурун кард ва ба дасти тарҷумон дод. Тарҷумон ҷавоби мактубро бо лаҳни ширадораш хонд:

«...Вазорати тандурустии Тоҷикистон ба шумо маълум менамояд, ки рӯзи 15-уми моҳи июли соли 1968 дар таваллудхонаи рақами 37-и шаҳри Душанбе Ҷамилаи Расул ном ҷавонзани 19-сола бистарӣ шуд. Зан ҳини тавлиди кӯдак аз дунё даргузашт. Аз ӯ духтарке бо номи Ҷумлаи Сафдар монд. Азбаски сари вақт Ҷумларо аз таваллудхона набурданд, Алексей ва Татяна Чебриковҳо ӯро чун духтархонд ба тарбия гирифтанд. Алексей Чебриков сарҳанг аст. Татяна Чебрикова омӯзгор. Нишонии ишон шаҳри Душанбе, кӯчаи Иброҳим Исмоил 4-а, хонаи 250...» Хостам фарёд занам:

– Ай хок бар сарам, тифлакам, ки нав ба дунё омадаст, ҳанӯз забон набароварда, овора, сарсон, дарбадари мардум шудааст. Худоё тақдир ӯро ба куҷоҳо мебарад?

Баъди чанде аз бемористон чун маъюби дараҷаи дуюм ҷавоб шудам. Бо асо мегаштам. Сунбул таъкид кард, ки дар рӯзҳои аввал бисёр роҳ нагардам. Ба таҳсил зиёд машғул нашавам. Вақте ба Душанбе омадам, рост ба ҳуҷраи иҷора рафта, соҳибхона Машахолаи 80-соларо зинда ёфтам. Маро

дида ба истиқболам давид. Аз он хурсанд буд, ки зиндаам, агарчи ҳоли табоҳе дорам. Бегоҳии ҳамон рӯз ба хонаи Чебриковҳо рафтам, дари хонаро тоҷикзане кушод:

– Хизмат?

– Апа, тибқи маълумоти банда дар ин хона бояд оилаи Чебриковҳо истиқомат кунад.

– Як сол пеш хонаро фурӯхта, куҷое рафтанд.

Дар комендатура, ки дар кӯчаи Аъзам Пулодӣ воқеъ аст, сарҳанг Чебриковро пурсидам. Гуфтанд, ки полковник Чебриковро намешиносем, прапоршик Алексей Чебриков дар мо хизмат мекард, ду сол қабл ба сабаби майзадагӣ ронда шуд. Ин суханон ханҷаре буданд, ки қалбамро тика-тикка карданд. Бо қалби хунбор роҳи идораи маорифи шаҳрро пеш гирифтам. Дар он ҷо гуфтанд, ки Татяна Чебрикова 5-сол пеш дар мактаби рақами 110 кор мекард. Аз кор рафт.

Имшаб баръакси шабҳои гузашта дар самти рости дарё, ё худ мавзеи мо чароғҳо фурӯзон буданд, дар тарафи чап бошад, торикии даҳшатноке ҳукмфармо буд. Аз дур садои мусиқӣ ба гӯш мерасид. Дар куҷое дискотека дар ҷӯшу хурӯш буд: ҷавонон мерақсанду месароянд. Кай парвои он доранд, ки дар паҳлӯяшон мусаввири фирорие дар гаражи мошинаҳои дорупошак бо ҳоли табоҳе мезияд. Аз ошёнаҳои баланд ин гаражи назарногир намудор нест. Мадори ба по рост истодан надорам, оқибат хоб ғолиб омад, ба танаи дарахти ягона-маҷнунбеди саҳни гараж такя зада, баъд онро чун дӯсти наздикам ба оғӯш кашидам:

– Ай маҷнунбед, маҷнунбед. Ду ғамзадаем, ду дарвеш, ки на ту оҳу фарёде дориву на ман. Инсонҳо дар соят нишинанд ҳам, аз ту хушнуд нестанд, барояшон тимсоли яъсу навмедӣ ва нокомӣ ҳастӣ. Зимистон атроф пури барф, сармо, вале аз чист, ки пайкарам дар пиндорам хеле гарм аст. Ту шояд маҷнунбед нею Лайлои зинда бошӣ, ки дар пироҳани бед шабу рӯз истодаӣ ва ҳоло дар оғӯши як мусаввири фирорӣ.

Худоё, ман чиҳо мегӯям? Бархе аз бими он, ки ба балое

гирифтор нагарданд, ҳатто аз назди маҷнунбед намегузаранду ман бошам ӯро ба оғӯш кашида, аз ӯ имдод мехоҳам. Маҷнунбед, мегӯям ман дар ин бевақтии шаб аз хоб бедорат кардам, акнун ҳар чӣ медонӣ бигӯ. Талх ҳам бошад бигӯю ширин ҳам. Агар Ҷуна дев ё ҷин бошад инро ҳам бигӯ, маҷнунбед, илтиҷо дорам, бигӯ, ман девона мешавам, мемирам, бар ҳолам раҳм бикун. Бешанд чокхои дилам. Бигӯ, хоҳиш мекунам, бигӯ. Намехоҳӣ, ки бори дӯшам сабук бигардад, охир дар ин ҳавлӣ шабҳо ману ту танҳоем, бидуни мо нафари дигаре нест. Наход ту намешунавӣ, ки ҳар лаҳза маро хуки ёбоӣ мехонанд, ба унвонам қабеҳтарин суханҳо мегӯянд.

Пилкҳои чашмам худ ба худ пӯшида мешаванд. Хоб мехоҳад маро ба оғӯши гарму нармаш бикашад, ончуноне мом тифлашро. Ай ширин аст ин хоб. Чунин хобҳоро синни наврасӣ дар деҳа доштам. Вақте навбати ба чаро баровардани гӯсфандони мардуми деҳа ба оилаи мо мерасид, одатан ману додарам Зеваршоҳ аз паи рама мерафтем. Падарам, ки вазифаи мудири фермаи колхозро бар дӯш дошт, дар хона аҳён-аҳён падид мегашт. Ману додарам Зеваршоҳ он рӯз то бегаҳ думболи бузу гӯсфанд медавидему бегоҳӣ чизеро нахӯрда, хоб мерафтем ва ширин буданд ин хобҳо. Агар хобе медидем, танҳо аз ҷанг бо бачаҳои деҳа иборат буду халос. Мабодо дар ин «муҳориба» ғарқи хун шуда, доду фиғон мебардоштему аҳли хонавода бедор мешуданд, момам наздам меомаданду меҳрубонона мепурсиданд:

– Ҷонакам чӣ шуд?

Он вақтҳо бо фараҳ ба истиқболи хоб мерафтам. Ҳоло не, хоб бароям даҳшат аст, гӯё сарамро на рӯи болин, балки рӯи кундаи қассоб мениҳам.

Ай дилхоҳ аст дар ин лаҳзаҳо ёди марг, кош рӯи ҳамин барф меомад. Беҳтарин кафани фирорӣ барфи испед аст. То даме барф об нашудааст, дар оғӯши он хоб меравӣ. Ва баҳорон замин туро ба оғӯш мегирад. Бале, маргро мехоҳам, вале ку он! Худоё, чаро файзи маргро намебинам. Биё,

ҷонакам, биё, фиребам мадеҳ. Биё ханҷаре ба дастам бидеҳ, то теғашро дар дилам ҷой диҳаму бо дарду ғам алвидоъ гӯям.

Аз шиддати сармо ҷонам меларзад, гоме базӯр ба пеш мениҳам, пои карахтам ба чӯбе бармехӯраду мувозинатамро гум мекунаму меафтам, сарам ба дарахте бармехӯрад, хори шохаҳо рӯямро мехарошад. Дар чеҳраам ҷароҳатҳои беше тавлид меёбанд. Дил мехост, ки бо овози баланд фарёд бикунам, то нафаре ба имдодам ояд, аммо аз ин кор худдорӣ намудам. Инсон дар чунин лаҳзаҳои даҳшатнок ба ҷои дарду ғам фараҳро ҳис мекардааст, ки шояд аломати марг бошад. Дар пиндорам ин дақиқаҳо лазизтарин лаҳзаҳои умри мананд. Гӯё барф зери пайкарам пари қу аст: мулоим, лазиз, ором. Дил мехоҳад, ки дигар аз ҷо барнахезам: биғеламу биғелам, ончуноне, ки инсонҳо баҳорон рӯйи' сабзаҳои марғзорон мeғеланд, ончуноне, ки тифлак рӯи домони мом.

Моҳтоб аз паси кӯҳ чеҳра кушод. Ҷароҳатҳои сарам аллакай ях бастаанд. Аз шиддати сармо ҷонам ба ларза омад, мехоҳам вориди гараж шавам, аммо мадори гом задан надорам. Даҳшатноктарин лаҳзаҳои умри инсон танҳоӣ будааст. Дар сармои қаҳратун қатраҳои хуни гарм аз чеҳраам рӯи барфи испед мечаканд. Инсон ҷони сангин дошта бошад ҳам, дар ин лаҳзаҳо бояд бимирад, аммо нерӯе ҳаст, ки маро нигоҳ медорад.

Миёни ранҷу азоб хаёлам ба кӯдакиҳоям рафт. Тақрибан 9-10 сола будам. Дар деҳа зане ба маризе гирифтор шуда, он қадар харобу бемадор гардид, ки бидуни пӯсту устухон мегуфтӣ дар пайкараш дигар чизе намондааст. Чашмони бенураш дар косахонаи сар фурӯ рафта, рост ба сақфи хона менигаристанд. Хешу табор, аҳли деҳа дар ҳайрат буданд, ки чӣ тавр ҷон дар пайкари сард, байни устухонҳо қарор дорад. Мушкилоти ӯро халифаи деҳа осон гардонд. Чанд рӯз китобҳояшро варақ зад ва ба хешони зан гуфт. Ӯ нафари наздику дӯстдоштаашро интизор аст, то ӯро набинад ҷон аз қолаб берун нахоҳад шуд. Кӣ бошад ӯ? Ҳама ба тааҷҷуб уфтоданд. Номи ин зан Гулрӯ буд, ки дар синни бистсолагӣ ба

шавҳар баромада, бо сабабе ҷудо шуда буд. Шавҳараш, зани дигаре мегирад, аммо ӯ ба шавҳар намебарояд. Волидону додарону хоҳарон ва кулли пайвандонаш лаҳзае аз наздаш дур намешаванд. Кӣ бошад ӯ? Баъди чанде роздоне гуфт: Худододро ин ҷо бихонед! Чун нигоҳи Гулрӯ ба Худодод расид, дар рӯяш табассум ҳувайдо гашт. Табассум чанд сония дар лабонаш гул баст. Ва чашмони дар жарфнои косахонаи сар буда мисли он, ки ҳайвони ваҳшие дар лонааш пинҳон мешавад, нопадид гаштанд. Ин афсона нест ҳақиқатест, ки шоҳидаш будам. Шояд ҷони ман дар ин пайкари аз сармо карахтшуда нафареро интизор аст. Ӯ кист ва чаро ҳамин ҳоло садо намедиҳад, дар пеши дидагонам пайдо намешавад, то қарзи бандагиамро адо бикунаму ором бихобам.

Тарафи ҳавлича мехазам, на ба хотири зистан, балки ба хотири мурдан дар хона. Бори сеюм даст сӯйи дарахт дароз мешаваду ба он мечаспад ва тан қадре пеш меравад, то саргаҳи нишебие омаду сарозер шуд, тақрибан 30 қадам пеш рафт, он чуноне ки ҷуволе аз баландӣ бияфтад. Дар поёни чуқурӣ мотори кӯҳнаи фарсудаеро партофтаанд. Тан бо суръати баланд омад, сарам ба оҳан бархӯрд. Шикастани устухонҳои баданамро шунидам. Оҳ, мусаввири оворагарди исёнӣ, боз каме кӯшиш, то вориди гараж бигардӣ, то ҷони аз сармо карахт шудаатро дасти гармӣ навозиш бикунад. Хона-гараж гарм набошад ҳам, ба ҳар ҳол сарпаноҳест. Ба дастаи дар такя карда, танамро пеш мекашам. Нафасам базӯр мебарояд. Садои мусиқӣ, ки бегоҳӣ дар авҷ буд, ҳоло ҳам ба гӯш меояд.

Куҷост Насрингул – миёни барф хазида меандешам. Калиди бахтам дар дасти ӯст. Ҳамин рӯз қадри ин зани меҳрубон бароям беш аз ҳарвақта маълум шуд. Маро соҳиби хонаю ҷой гардонд, дилбар шуд, балки ҷонамро борҳо аз чанги марг раҳонид. Ба пиндорам нахустин саломи гармро дар ин шаҳр аз даҳони Насрингул шунидам.

Зинда бод гаражи мошинаҳои дорупошак – мегӯям ман, мегӯянд мусаввараҳоям. Танам пурра вориди гараж гардид. Барф бемайлон меборид, баландии он ба 10-15 ваҷаб расида

буд. Куҷост Насрингул, миёни барф хазида меандешам. Калиди бахтам танҳо дар дасти ӯст.

Тақрибан 10-15 қадам хазидам, садои мошинаҳое, ки паи ҳам аз кӯча мегузаштанд, ба гӯш мерасид. Дар деҳот дамидани субҳро бо овози хурӯсу дар шаҳр бо овози мошинҳо муайян мекунанд. Худоё, имрӯз низ ба рӯи пайкари бечон субҳи тиллоӣ дамид. Ба чизҳои беше бояд рӯшанӣ андозам, бояд ҳатман бидонам, ки Ҷуна кист. Аз тарафи дигар музокирот байни тоҷикон оғоз ёфт, ки фоли нек аст.

Аз ин лиҳоз иброз медорам: Зинда бод зиндагӣ! Вале бубахш, то имрӯз ба маънният сарфаҳм нарафтам. Гоҳ маро ба само мебардорию гоҳ ба замин мезанӣ, гоҳ дастархони шоҳиро наздам кушодию гоҳ ба луқмаи нони сиёҳ зорам мекунӣ. То гаражи мошинаҳои дорупошак 8 ё 9 қадам мондааст. Ҷонро ширин мегӯянд. Он рӯз нахустин бор ин шириниро ҳис кардам. Умуман ширинии ҷонро шахс дар сахттарин рӯзҳо қадр мекардааст. Дар серию пуриҳо ҷон қиммате надоштааст.

Субҳ медамид. Намедонам субҳи марг аст, ё ҳастӣ, субҳи умедҳо ё яъс, танҳо як чиз мусаллам аст: дар дунё кам дар хотир доранд, ки субҳи фирорӣ марги муфоҷот аст ва он ӯро абадан аз кулфат мераҳонад. Аз ин лиҳоз марг хуб аст, аммо ҳамин субҳдам бояд аз ҳалқам нагирад. Боз чанд ваҷаб мондааст, то гаражи мошинаҳои дорупошак. Бисёр мекӯшам, дасти чапам, ки пайкари карахтамро мекашад, ба якборагӣ бечон нашавад. Тавре ки замоне дастро сӯи шохаи себ мебурдам, сӯи дари гараж дароз кардаму аз худованди муттаъол зорӣ намудам, ки нерӯе бахшадам, то танамро вориди он гардонам. Ай пайкари ҳасратҳо! Пайкари дардҳо! Пайкари нолаҳо! Ёдат ба хайр, хазидан гир.

Чи хуб аст, ки бидуни банда нафари дигаре ин ҷо нест, рақибонам агар дар чунин ҳолам медиданд, мерақсиданд, месуруданд. Чи кайфияте дорад мурдан дар танҳоӣ! Зеро рақибат гумон дорад, ки ҳоло соҳибнерӯӣ.

Сараму чоряки танам вориди хонача мегардад, чӣ давла-

ти бузург. Қадре ҳам бошад, гармиро ҳис мекунам. Ҳо, чӣ ҳаловате. Чӣ нашъае. Дар пиндорам рӯи тахти шоҳӣ нишастааму балегӯёнам қарсакҳо мезананд. Гурӯҳе бо гулдаставу гулдонҳо сӯям медаванд. Ҳо, чи ҳаловате дорад гармӣ. Аз он бӯи атри зиндагонӣ меояд. Худоё, ин лаҳзаҳо ба комам шаҳд мерезад. «Салом ҳазрати гармӣ!»

Хешро ғолиб мепиндорам, ки марги муфоҷотро мағлуб гардонидам. Пайкар мехазаду мехазад сӯи гармӣ, сӯи бухории худсохти барқӣ.

Дари гараж аз дарун пӯшида шуд, ба гирду атроф менигарам. Аз мусаввараҳо инсонҳои беше сӯям дар нигоҳанд. Мехоҳам шӯре, валвалае барпо бикунам. Як даста коғазҳоро дар оташи печка даргиронаму ҳам хешро ва ҳам мусаввараҳоямро дар ками оташ нобуд бигардонам. Не, бигзор биистанд. Онҳо ҷурме надоранд ва ман ҳам. Ва боз меандешам: «Агар гуноҳе надошта бошам, пас чаро банди чунин азобам. Наход, худованд инсони бегуноҳро гирифтори чунин шиканҷа гардонад? Наход, ӯ аз ман бехабар ҳасту намебинад, ки чӣ рӯзе дорам? Не, ба номи Худо қасам, ки биҳишт аст, ин гараж. Бубинед, дар он нодиртарин мусаввараҳои бузургтарин мусаввири дунё ба намоиш гузошта шудаанд. Ва имрӯз бошад, мусаввири машҳури оламро аз марг раҳонид.

Биҳишт аст ин гараж. Охир дар гаронтарин лаҳзаҳои оворагӣ паногоҳам гардид: ҳам хонаву ҳам коргоҳам шуд, бо сари баланд дарашро мекушояму мепӯшонам. Шиносеро дар кӯча медидам «марҳамат ба хона» мегуфтам.

Бале, маҳз ҳамин суханро ба забон меовардам: «марҳамат ба хона».

Ин бебаҳотарин суханест, барои фирории овора. Дар пиндорам дар олам диже нест, ки ба он баробар бигардад. Боз бо овози баланд дар кулли олам иброз медорам: «Зинда бод гаражи мошинаҳои дорупошак, зинда бод дасти чап, ки ин қадар борро аз думболаш мекашонад, зинда бод пайкаре, ки фалаҷ ҳасту вале ҳаракат дорад. Зинда бод панҷаҳои аз

сармо карахти дасте, ки заминро харошида-харошида ин кӯҳи гаронро ба манзил расониданд».

Аз нерӯи гармӣ хешро дар мақоми зиндаҳо эҳсос кардам. Бадан мулоим мешуд, ончунон мулоим, ки гӯё дар буғхонаи ҳаммом афтода буд. Хобам бурд пас аз 11-12 соат зери оби арақ бедор шудам. Падарамро дар хоб надидам. Хоби тифлонаи роҳатбахше буд. Қиблагоҳ бузург аст, пас аз ин қадар азобҳоям шояд, раҳмаш омаду нахост, ки боз заҳматам диҳад. Аз ҷоям ҷунбидам, дасту по қадре ҳаракат мекард, донистам, ки фалаҷ нестам, аммо баданам сахт меларзид. Хӯроки шабмондаро рӯи бухорӣ гузоштам, гарм шуд, базӯр қадре бихӯрдам. Табларза ҳамоно шиддат дошт. Арақ як зайл аз сару рӯям мерехт, ҳалқам хушк мешуд, дил мекашид, ки косаи оби хунук бинӯшам, аммо сабр мекардам, зеро ин кор он лаҳзаҳо баробари марг буд, нафастанг мешудам. Як пиёла чои гарм ин лаҳзаҳо беҳтарин доруст.

Аз Насрингул дарак набуд. Насрингул, Насрингул, мураббиям, маҳбубаам. Аз оне, ки се рӯз боз нест, асло намеранҷам, одатан занҳо нисбати мардҳо кунҷковтаранд. Дар бораи мардҳо бисёр чизҳоро донистан мехоҳанд. Насрингул ин тавр нест. Вай дар бораи ман чизеро намедонад, баръакс, ман дар бораи ӯ чизҳои бешеро медонам. Медонистам, ки дар синни се ё чаҳорсолагии ӯ волидайнаш аз ҳам ҷудо мешаванд. Модараш дубора ба шавҳар мебарояд. Насрингулро қиблагоҳаш ба воя мерасонад. Баъди сесолагӣ модарашро дигар надидааст. Падараш ғайри Насрингул боз ҳашт фарзанд дорад: се духтару панҷ писар. Муносибати Насрингул бо додарону хоҳаронаш самимист. Дар ҳаққи ишон ҳамеша беҳтарин суханонро вирди забон меорад. Соҳиби чаҳор фарзанд аст. 13-сол аз ӯ калонтарам, аммо бо ман хеле меҳрубон аст. Бо чунин андешаҳо хобам бурдааст.

Посе аз шаб нагузашту боз табларза бедор шудам. Дилам гӯё пора-пора мешуд. Гаражи хурд дар нигоҳам тангтар менамуд. Хеста чанд пиёла чои ширгарм нӯшидам.

Тарафи тирезаи гараж нигаристам. Дар паси шиша тори-

кии ваҳмангез. Ба хотир меояд, ки дишаб дар жарфнои ин зулмат рӯи барф хобида будам. Худоро шукр, ки имшаб дар хона-гаражам. Дӣ дар кучо, дар кадом муҳите будаму имрӯз дар кучоям. Гарчанде баданам сахт биларзад ҳам, ҳолам беҳтар аст. Агар ҳамин тавр худро дилбардорӣ бикунам, бечуну чаро сиҳат мешавам. Бадан месӯхт, ҷигар месӯхт, вале худро тавре вонамуд мекардам, ки сиҳатам, саломатам. Мехостам хешро банди коре нишон бидиҳам. Ҳатто аз ҷоям хеста, тарафи сепояи мусаввирӣ чанд гоме ниҳодам ва майли итмоми кори нотамомро доштам, аммо баъди 2-3 қадам сарам сахт чарх зад, агар сутуни гараж намебуд, пуштнокӣ меуфтодам. Сутунро оғӯшкунон қадре истодаму сипас боз ба ҷои хоб баргаштам. Субҳидам, дардам бештар хурӯҷ кард, таппиши қалб авҷ гирифт. Чашмонам торик мешуданд. Мӯъҷизае агар аз ин дард нараҳонадам, дасти инсон ҳеҷ гоҳе қудрати ин корро надорад. Зиндагӣ аз ман чӣ мехоҳад? Чашмонам пӯшида мешаванд. На хобаму на бедор. Намедонам, дар кадом мақоме қарор дорам. Аз чи буд, ки қиблагоҳам боз пайдо мешавад, хашмолуд.

– Гулбибии аммаат-ку?

Хостам боз такрор намоям. Қиблагоҳи бузургворам, аммаам Гулбибӣ дунёро кайҳо падруд гуфта буданд.

Аммо ин ҳарфро ба забон наовардам, зеро онро борҳо такрор кардаму борҳо калтак хӯрдам. Чизе гуфтан наметавонистам. Боз такрор карду посухе нагирифта, бо заҳрханд аз назарам ғоиб гашт.

Сахт гушна будам, дилам ғизо мехост. Охир бидуни он чанд пиёла чой ду рӯзи охир чизеро ба даҳон нагирифтаам. Хазида-хазида назди бухорӣ мераваму ширчой мемонам. Дар халтачаҳо биринҷу навъҳои мухталифи маводи ғизоӣ низ буд. Аммо ҳоло азбаски мадори пухтани хӯроке надоштам, домони ширчойи бобоиро гирифтам. Пухтанаш осон: об, намак, чой, мағзи чормағз, шир, қаламфур, рӯғани маска вассалом. Нон буд, онро чор рӯз қабл Насрингул пухта буд. Чой ҷӯшид, нони қоқро реза кардам, ду чумча равған андохта, қадре бихӯрдам.

Иштиҳо набуд, аммо худро маҷбур мекардам.

Офтоб аз тирезачаи гараж даромад. Офтоби зимистон ҷилои дигаре дорад. Нисбат ба офтоби дигар фаслҳои сол рӯшантару гармтару пурмеҳртар менамояд. Шӯълаяки хуршед рост ба болои сарам омада қарор гирифт. Мулоим, меҳрубон, қашанг, дилрабо, умедбахш. «Омадӣ, ки маро хабар бигирӣ, ташаккур аз ту, медонам туро. Дидӣ, ки ҳоло зиндаам, намурдаам. Мани нотавонро тавон деҳ, умеди ҳастиям бош». Шӯълаяки хуршед низ гӯё ба ман ҳарф мезанад, сухан меронад.

Аз дур садои қадамгузорӣ ба гӯш расид, садои ошно, аниқ донистам, ки Насрингул, ҷону ҷигарам меояд. Дар кушода мешаваду вай вориди хона мегардад. Хона-гаражи чанд дақиқа қабл торик дар пиндорам он қадар рӯшан мешавад, ки хурдтарин зарра ҳам дар пешонаи фаршу сақф намудор буд. Аз ҳарфҳои мулоимаш нерӯ мегирам, балки аз вуҷудам ҳазору сад дард берун мешавад.

Насрингул ҳоли зор дида, пурсид:

– Чаро дар чунин ҳолед?

Мекӯшид, сиришки дидагонашро набинам, вале наметавонист.

– Маризед ё гурусна?!

Дилаш ба ҳолам на аз он месӯхт, ки маризам ё бемадор. Не. Аз он мегирист, ки як мусофирам ва дар ин диёр бидуни вай мӯнису ғамхоре надорам.

Аз ӯ хоҳиш намудам, ки имрӯз ё пагоҳ Ҷунаро пайдо бикунад, зеро корамон хеле зиёд аст. Насрингул аз чи бошад, ки ба ҳар суханам бовар дорад. Насрингул дасташро болои сарам гузошта гуфт:

– Ҳатман ба бемористон равед. Бигузор, духтурон дардро ташхису табобат намоянд. Пул лозим шавад, меёбем.

Розӣ шудам, зеро илоҷи дигаре надоштам. Пас аз чанд дақиқа Насрингул ҳамроҳи се тан хилъатпӯш вориди хона-гараж гардид.

Дар шӯъбаи касалиҳои асаб 25-рӯз табобат гарифтам.

Духтур Хусрав гуфт, ки хаста шудаам. Бар замми ин сахт шамол хӯрдаам. Дар рӯзи сеюми табобат зани 65-70-сола Татяна-хола базӯр нафас кашида вориди палата шуд:

– Ба наздатон духтаратон омадааст

Агар Ҷуна духтарам мебуд, ин лаҳзаҳо чун мори сарзада печутоб намехӯрдам. Худоё, чаро мани фирории бенаворо масхара мекунанд? Бас аст, мешунавам аз қаъри дил.

– Духтаратон омадаанд.

– Духтур иҷозат намедиҳад, ки аз ҷоям бархезам.

– Оромона хоб равед, ман рафта мебиёрам.

Наход Ҷуна бошад? Не, вай ин ҷо буданамро намедонад. Ҷуна салом дода, рӯи мизи паҳлӯи катам бинишаст.

– Устод, чӣ ҳол доред?

– Худоро шукр, аҳволам аз дирӯза беҳтар аст.

– Хаста шудед.

Сӯҳбатамон аз бемори ба мусаввирӣ, сонӣ ба сиёсат гузашт. Вале диққатамро чун пешина тарҳи чеҳрааш ба худ мекашид. Чаро ин қадар ба авлоди падарам монанд аст?

– Дар ин ҷо ҳам дар андешаи эҷод ҳастед?

– Эҷодкор ҳамеша бояд дар андешаи эҷод бошад.

Хусрав сӯи Ҷуна нигарист.

– Духтаратон ҳам дар шаҳри мо зиндагӣ мекунанд?

– Бале. Духтарам мусаввиранд, ҳамроҳам фирорӣ.

Намедонам ин сухан чи тавр аз даҳонам баромад.

– Ҳалолаш бод, ки аз паи касби падар рафтааст.

Ҷуна хомӯшона гоҳ сӯи Хусрав гоҳ сӯи банда менигарист, зеро ҳарфи духтур ба лисони русӣ буд ва Ҷуна мефаҳмид. Хусрав фишорсанҷро аз кисаи хилъаташ бурун оварда, ба гарданаш овехт:

– Агар ба духтаратон ҷавоб диҳам, хафа намешавед? Бигзор аз паи кору борашон шаванд, мо бошем табобатро идома медиҳам.

– Не, чаро хафа шавам?

Ҷуна аз ҷояш бархест, норозиёна сӯи Ҳусрав нигарист. Имрӯз хеле ҷиддист, аз шӯхиҳояш нишоне нест. Донаҳои

сиришк дар дидагонаш намоёнанд. Ҷуна рост ба чашмонам нигарисг:

– Устод, илоҳо шифо ёбед.

– Минбаъд ташвиш накашед, ғизо набиёред, хӯрокҳои бемористон мерасад. Сонӣ Насрингул ҳар рӯз меояд.

– Духтаратон Шуморо устод мегӯянд.

– Дар мусаввирӣ устодаш ҳастам.

– Духтаратон оиладор ҳастанд?

– Бале.

Бисёр мехоҳам бубинам, ки Ҷуна чӣ кор мекунад, ба куҷо меравад, хешу ақрабояш кист.

Ҷуна бигӯ, кисти? Барои савоб бигӯ! Ҷисми солимамро ғарқи дард гардонидӣ. Лоаққал бигӯ, ки аз банда боз чӣ мехоҳӣ? Ҷуна, афсонаи хешро ба ман бигӯ, шояд дардолуд аст. Бигӯ, имрӯз бедорам, туро мебинам, ҳарфатро мешунавам. Пагоҳ, ки хоб рафтам дер мешавад. Ҷуна фардо сари гӯрам бо ман на, ба хок ҳарф мезанӣ.

Насрингул вориди палата мешавад.

– Бедоред, ҳолатон беҳ аст?

– Худоро шукр. Имрӯз аҳволам беҳтар. Чой нӯшидам, себ хӯрдам.

– Ҷуна омаданд?

– Шумо хабар додед?

– Не, Ҷунаро надидаам.

– Кӣ гуфта бошад?

– Байни ҳукумати Тоҷикистону сарварони мухолифин музокирот оғоз ёфтааст.

Аз хурсандӣ зӯр мезанам, то аз ҷоям бархезаму аз тиреза ҷониби меҳанам бингарам, ҳарчанд он хеле дур аст. Дар ин лаҳзаҳо майдону нотиқон, ҳарфрониҳои худам боз пеши назар меоянд. Ба андеша фурӯ меравам. Даҳшат буд, даҳшат. Майдон аз зиёдии одам меҷунбид. Оташдиҳандагони ҷанги бародаркуш ҳезумкаш буданд. Модари тоҷик рӯй меканду мӯй.

Аз Насрингул хоҳиш намудам, ки лаҳзае дар паҳлӯям бинишинад.

– Дар набуданам парвое надоред, чун вориди палата шудам, аз паҳлӯятон ҷунбидан намемонед.

– Дил ба амри банда набошад чӣ кор кунам, сонӣ аз кучо медонед, ки дар набуданатон фаромӯш мешавед?

Оҳиста, ширин, мулоим механдад.

– Ба хотири санҷиши мусаввири фирорӣ буд ин сухан.

– Парво накунед, торҳои асаби оғои тоҷик аз фӯлоданд. Онҳоро ҳам араб санҷиду Темуру Чингиз ҳам. Ҳоло навбати халқи дигар, ки ҷанги бародаркушро дар Тоҷикистонам оғоз намудааст. Албатта дар ибтидо қадре фиреб хӯрдем, аммо дар роҳи тавлиди ваҳдат ҳоло боз гомҳое мениҳем.

– Хоҳиш мекунам, ки аз муқовиматҳо камтар биандешед. Ҳоло бояд ором бошед... Насрингул андешамандона ба рӯям менигарад:

– Табъатон гурехта.

– Не, ҳеҷ гап не, хона, ки хеле гарм аст баданам арақ кард.

Ба хотири он, ки малӯл нашавад, илова кардам:

– Вақте касал шавам, баъди арақи бадан худро хеле сабук ҳис мекунам, ҳоло ҳам ҳамин тавр.

Ин суханонро мегуфтам, вале баданам аз ҳарорати баланд месӯхт. Насрингул тез-тез ба чеҳраам менигарист. Шояд дар он нишонаҳои беҳолиро дид, аммо сир бой намедод. Дилам ба Насрингул сӯхт:

– Равед, аз паи коратон шавед, ҳолам хуб аст.

Табассуми сохта дар гирди лабони хушкидаам тавлид меёбанд.

– Қадре мешинам, сонӣ меравам.

– На. Мегӯям аз корҳоятон дер намонед.

– Корҳоямро кайҳо сомон додаам.

Ӯ ҳанӯз дар назди кат меистод, ки Ҷуна вориди палата шуд. Аз он Ҷунаи чеҳрахандон нишоне набуд, малӯл менамуд. Бо Насрингул салом дода, наздам омад, дасти росташро бар сари синааш гузошта таъзим кард:

– Устод, мебинам, ки имрӯз хушҳолтаред.

– Бале, беҳтар аст. Пагоҳӣ чой нӯшидам, нимрӯз хӯрок хӯрдам, – боз дурӯғ гуфтам ман.

Насрингул рафт. Беихтиёр аз кат қадре танамро мебардорам.

– Устод, – ором шавед ба Шумо хестан мумкин нест. Ҷуна аз ҳар ду бозӯям гирифта, маро ба кат хобонд. Боз табассуми сохтае дар лабонам тавлид ёфтанд. Ҷуна гуфт:

– Се-чор сол қабл хобе дидам. Дар хонаамон машғули расмкашӣ будам, ки зане аз дар даромада гуфт: «Ҷуна, ман модарат, берун бароем гап дорам».

Бисёр хушҳол буд. Берун баромадем, хоҳиш кард, ки лаби дарё равем. Дар лаби рӯд нишастем. Ӯ сӯи дарё дуру дароз нигариста ва ниҳоят гуфт: «Вақтам танг аст, ба коре бандам. Наздат бисёр истода наметавонам. Ту ба самти болооби ин рӯдхона рав, аз пеш рӯдхонаҳои дигаре мебароянд, онҳоро ҳам гузар. Азоб мекашӣ, хаста мешавӣ, аммо аз раъйат нагард! Дар сарзамини дуре гули зебои бахтатро меёбӣ. Ту ки гулакро боре ҳам надидаӣ, дар ибтидо намешиносӣ, аммо бикӯш, ки бишиносӣ. Ту соҳибхирадӣ ва ин гулакро бояд бишносӣ. Рав…»

Риштаи сӯҳбатро вориди палата гардидани хоҳари шафқат канд. Вай фишори хунамро чен карда гуфт, ки қадре баланд аст ва пас аз дақиқае аз дасти ростам дору гузаронида аз палата бурун шуд.

Ноаён ба рухсораи Ҷуна менигарам, ба Худо саропо нусхаи фарзандонаму хоҳаронам аст. Ҳатто он хол, ки хоҳари калониам дар тарафи рости чеҳрааш дорад, дар рӯи Ҷуна нақш бастааст. Ҷуна ширин табассум мекунад.

– Устод, ман меравам, бевақт шуд.

– Дигар худро ташвиш надеҳ Насрингул ҳар рӯз меояд, ғизо мебиёрад.

Вай ҷиддӣ ба рӯям нигоҳ кард:

– Ба бемористон омаданамро манъ накунед!

Ӯро бори нахуст дар чунин ҳол медидам. Донаҳои ашк рӯи мижгонаш бозӣ доштанд, нигоҳаш гӯё мегуф: Ғайри

шумо каси дигар надорам.

– Ҷуна, худро азоб надиҳед, шумо мусофиред. Насрингул таҳҷоист, молу ҳол дорад. Мо чӣ дорем? Ду мусофири овора.

Тақрибан соатҳои даҳ хоҳари шафқат вориди палата шуд. Чанд сӯзандору гузаронд ва барвақт хоб рафтам. Сахт хаста будам. Боз қиблагоҳам пеши дидагонам падид омад. Чун чашмам ба ӯ афтид, қариб буд, ки дод гӯяму бедор шавам. Метарсидам, ки ҳамин ҳоло маро боз хуки ёбоӣ хонад. Вале вай табассум дошт, ҳоламро пурсид ва гуфт, ки сиҳат мешавӣ, дуогӯят ҳастам. Ҳайратзада бедор шудам, ки чаро вазъият ногаҳон тағйир ёфт. Қиблагоҳам бо чеҳраи кушод табассум мекунаду ҳол мепурсад. Ин вазъ мадорам бахшид. Пас аз лаҳзае боз хобам бурд ва вақте чашм кушодам, хоҳари шафқатро болои сарам дидам, ки бо тааҷҷуб мегуфт:

– Шуморо бори аввал дар чунин ҳол мебинам.

– Яъне вазъи саломатиам рӯ ба беҳбудист.

– Мо ҳам дар кӯшиши онем, ки тезтар шифо ёбед.

Духтур Майсара бо шӯхию ханда гап мезанад. Бо суханони ширину шакаринаш беморонро механдонд ва ин ҳам албатта воситаи табобат аст. Он субҳ ҳам ханда дар лаб вориди палатаам гардид.

– Пас аз баромадани духтур Ҷуна вориди палата шуд.

– Устод, дина омада натавонистам, шиносномаам дар Вазорати корҳои хориҷӣ аст. Ҳашт моҳ боз нигоҳ медоранд. Бо як гурӯҳ, ки ба Покистон мерафт, ман ҳам пайвастам, ҳанӯз зимистони соли гузашта бояд сафар мекардем, аммо корро кашол медиҳанд, шояд мо бегонагонро ҳаматарафа месанҷанд, ҳол он ки қайди муваққатӣ низ дорам.

Дар ин амал шакке нест. То шахсиятамонро аниқ муайян накунанд, иҷозат намедиҳанд. Бигӯед, ки дар Покистон чӣ коре доред?

– Покистон баҳона, муродам соҳиб шудан ба шиносномаи хориҷӣ аст. Ба Покистон, ки сафар кардам, он тараф роҳамро пайдо мекунам.

– Яъне, аввал ба Покистон рафта, паноҳгоҳи сиёсӣ ме-

пурседу сипас роҳи Инглистонро пеш мегиред.

– Роҳҳо бисёранд, устод.

Боз ба дарёи андешаҳо фурӯ меравам: «Аҷабо, Ҷуна пайвандонашро гоҳ дар Тоҷикистону гоҳе дар Покистон меҷӯяд. Ба пиндорам суханонаш дурӯғи маҳзанд. Аҷаб не, ҷосус бошад. Онҳо гоҳо мусаввир мешаванду гоҳ ошпазу гоҳ фаррош». Овози Чуна риштаи андешаҳоямро барканд:

– Ҳамин тавр дина тамоми рӯз аз думболи шиноснома шудам. Хайрият гирифтам. Шояд аз сабаби дар ин шаҳр афзудани теъдоди фирориёни тоҷик милиса маро дар ҳар қадам нигоҳ медораду ҳуҷҷат мепурсад, агар набошад ба умури корҳои дохилӣ мебаранд, ҷарима мебанданд, Ҷуна аз сумкааш коғазеро баровард:

– Устод, ин аст шаҳодатномаи муваққатиям.

Он ҳамагӣ аз ду варақ иборат буд. Чун кушодам чашмонам боз ба сурати Ҷуна афтод.

– Худоё, чаро ӯ ба фарзандонам ин қадар монанд! Ному насабаш Ҷуна Алексеевна Чебрикова, рӯзи таваллуд 15-уми моҳи июли соли 1968, шаҳри Душанбе.

– Худоё, ин чи сеҳр аст. Ӯ чун Ҷумлаи ман дар як рӯз, як моҳ дар як шаҳр ба дунё омадааст. Шиноснома рӯйи кӯрпа уфтод. Ҷуна инро дид ва аз банди дастонам гирифта:

– Устод, духтур ҷеғ занам?

– Не, духтур лозим нест.

Ҷуна бо рӯймолча араҷи ҷабинашро тоза кард, қатраҳои сиришк аз дидагонаш рӯи чеҳра таровиданд. Вай «духтур лозим нест»-ро бо маъние фаҳмидааст, ки духтур дигар мададе расонида наметавонад.

– Рӯи кат шинеду саргузаштатонро наҷл кунед.

– Зарур аст?

– Бале, Ҷуна, устоду шогирд бояд аз зиндагиномаи ҳамдигар воқиф бошанд.

– Волидонамро надидаам. 15-уми июли 1968 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадаам. Модарам ба бемории саратон пой гирифтор шуда фавтидааст. Вай дар омӯзишгоҳи тиббу

падарам дар омӯзишгоҳи рассомӣ таҳсил мекардаанд... Қиблагоҳам бадахшонӣ будааст.

– Хостам аз рӯи кати маризиам парида бархезаму бигӯям:

– «Ҷумла, Ҷумла!» Вале худро нигоҳ доштам, хостам идомаи қиссаро бишнавам.

– Қиблагоҳам шояд зинда нестанд, вагрна маро пайдо мекарданд.

Чун қисса ба ин ҷо расид, сари диламро дошта, аз Ҷумла хоҳиш кардам:

– Қадре дам гиред, дилам сих мезанад.

– Духтурро…

– Не, мегузарад.

Чашмонам хира шуданд, гуё пардаи сиёҳи шаб заминро пӯшонд. Деви сиёҳе болои кати хобам бо дидаи хунбору ханҷари урён сӯям менигарад. Аз дасти бод дарахтон решакан мешаванду хонаҳо валангор. Биное, ки дар он табобат мегирам, сахт меҷунбад. Аз зери кат калламушон бурун мешаванд. Яъне, гунаҳкори азобу уқубатҳои Ҷуна манам! Пас аз гузаштани дақиқае чанд аз Ҷуна хоҳиш кардам, нақлашро идома диҳад.

– Маро оилаи Чебриковҳо ба фарзандӣ қабул мекунанд. Модархондам Татьяна ҷони одам буд, падархондам низ. Модарам гирифтори бемории диққи нафас гардид. Вай шояд аз оқибати дардаш воқиф буд, ки ҳақиқати ҳолро ба ман фаҳмонд. Мегуфт, ки ту аслан тоҷики бадахшонӣ ҳастӣ. Сад афсӯс, ки насабатро намедонам. Шаҳодатномаи тавлидро дар вақташ нагирифтанд. Агар ин ҳуҷҷат мебуд, ба хешовандонат хабар медодам. Баъди сари ман ба ятимхона рав. Чун охирин бор бемориаш авҷ гирифт, қабл аз он, ки ба бемористон равад, ҳамроҳам ба ятимхона рафту ҳуҷҷатҳоямро омода гардонд.

– Духтараки зебо, ҳоло ҳамроҳи модарат рав, кадом вақте лозим шавад, ману ту вомехӯрем, – гуфт мудири ятимхона.

Модархондам донист, ки вай дигар аз бемористон барнамегардад. Чун наздаш мерафтам пайваста мегиристу беист

мегуфт:

– Кӯшиш бикун, хешовандонатро пайдо намо.

Пас аз се рӯзи марги модархондам мудири ятимхона маро ҳамроҳаш бурд. Панҷ сол доштам. Ба хотири қиблагоҳам дар дил меҳри мусаввириро парваридам. Рӯзномаҳои девории ятимхонаро оро медодам.

Чун аз Ҷуна ин суханонро шунидам, ашк гулӯгирам кард ва хостам, фарёд бикашам: «Эй хок бар сарам! Хок бар сарам».

– Пас аз хатми синфи ҳаштум ба Омӯзишгоҳи рассомӣ дохил шудам. Муддате дар Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии Ленинград фаъолият доштам. Гарчанде забони модариро намедонистам, бо вуҷуди ин барои атрофиён тоҷикдухт будам.

Тобистони соли 1992 ба Душанбе баргаштам, хостам ватани бобоиямро зиёрат бикунам, аммо вазъият нотинҷ шуд. Нияти бозгашт ба Ленинградро доштам, аммо такдир маро ин тараф овард. Боре хоб дидам: дар коргоҳам дар Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашӣ машғули кашидани сурати падарам будам. Аввал мӯи сарашро кашидам, бовар доштам, ки он сип-сиёҳ аст. Дар андеша будам, ки идомаашро чи тавр биёфарам, ногоҳ дар паҳлӯям хонумеро дидам, ки табассум мекард. Ӯро шинохтам, зеро борҳо дар хобам дида будам. Вай модарам буд. Хеле ҷиддӣ менамуд. Худатро беҳуда азият надеҳ! Сурати худатро дар рӯ ба рӯят бимону бикаш, фақат ба он симои мардона бидеҳ. Ва афзуд: – Ба миҳанат рав, дар он ҷо сурати падаратро боз ҳам беҳтар мекашӣ». – Модарам маро Ҷуна нею ба ҳамин монанд ном мебурданд.

Андешаманд тарафи тиреза нигариста гуфтам:

– Ҷумла будагист.

Вай бо ҳайрати тамом ба ман наздик шуда гуфт:

– Бале, Ҷумла аммо шумо аз куҷо медонед?

Хостам дод занам:

– Охир, мани роҳгум надонам кӣ медонад?!

Вале боз худдорӣ кардам, зеро ҳанӯз ҳам суолҳои зиёде

дар дил доштам ва ҳар кадом ҷавоб мехост.

– Номи Ҷунаро аз кӣ гирифтед?

– Аз модархондам.

Чизе нагуфтам. Дандон ба дандон монда тоқат кардам. Ҳама гап маълум шуд.

– Ҷумла, алҳол равед, ки хаста шудам, қадре хоб равам. Пагоҳ сӯҳбатро идома медиҳем.

– Устод, ин қадар барвақт хоб меравед?

– Бале, духтарам бисёр мехоҳам дам бигирам. Комилан шифо ёфтам. Имрӯз рӯзи саид аст. Ҷумла, ту ҳоло бисёр чизҳоро намедонӣ.

Ҷуна бо завқ хандид:

– Вазифаи устод омӯзодан аст.

– Устод, ки дар мақоми падар бошад ба шогирд бояд бисёр чизҳоро биомӯзонад. Сухани дигареро ба забон овардан натавонистам, зеро ашки шодӣ гулӯгирам кард:

– Сиришк мерезед?

– Бале.

– Чаро? – ба такрор мепурсад ӯ.

– Ман падарат ҳастам…

**ЛУТФИШОҲИ ДОДО**

# ГУРОЗ

*(қисса)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*

Ба матбаа 25.06.2014 супурда шуд.
Чопаш 27.06.2014 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 4.5.
Андоза 60x841/16. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018 ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев,17 а

Дар ҶДММ «Аржанг» чоп шудааст.